**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС
ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД 339.5**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МАЪРУФОВ ФИРДАВСҶОН КАРИМОВИЧ**

# ИНКИШОФИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ СУҒД

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ

**ХУҶАНД – 2026**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Ризозода Тӯра Раббим –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Қодирзода Фарҳод Анвар**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи милии Тоҷикистон |
| | **Раҳматов Абдумавлон Ахмадович**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон |
| **Муассисаи пешбар:** | Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия санаи «14» марти соли 2026, соати 09:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА–013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1, бинои таълимии №5, e–mail: ds.tsulbp@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 92 858–22–12

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи http://ds.tsulbp.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____»_______________соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саиджонов С.Ш.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир ҳар як кишвар дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ қарор дошта, бе иртиботи мутақобила имконияти дастрасиро ба рушди устувор надорад. Дар навбати худ, ҳудудҳои алоҳидаи маъмурию ҳуқуқии давлатҳо, яъне минтақаҳои онҳо бо давлатҳои хориҷӣ бо риштаҳои мухталифи сиёсиву иқтисодию иҷтимоӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва муҳоҷиратӣ алоқаманд буда, ба якдигар вобастагии зич доранд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи ташкил ва рушди робитаҳои иқтисодии хориҷии минтақаҳо дорои аҳаммият ва сатҳи баланди мубрамият мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти ташкили истеҳсолоти ба содиротнигаронидашударо борҳо таъкид карда, дар Паёми соли 2018 зикр намудаанд, ки “...ба рақобат тобовар набудан ва баланд будани арзиши аслии маҳсулоти баъзе корхонаҳо, номукаммал будани роҳҳои ҳифзи манфиатҳои содироткунандагон дар хориҷи кишвар то ҳол ба таъмин намудани гуногунсамтии истеҳсолот ва содирот мусоидат накарда истодаанд. ...Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, рушди иқтисод ва савдо, Агентии содирот, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки фаъолияти худро ҷиҳати муаррифӣ кардани маҳсулоти дар Тоҷикистон истеҳсолшуда, дарёфти бозорҳои содирот, шарикони истеҳсоливу тиҷоратӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорони ватанӣ дар хориҷи кишвар тақвият бахшанд” [1, с. 9].

Суханони мазкури Ҷаноби Олӣ, Пешвои миллат ҳоло низ аҳаммият ва мубрамияти худро гум накардаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он чун узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ объективона зери таъсири ҷаҳонишавӣ қарор дошта, аз оғози соҳибистиқлолии давлат сиёсати “дарҳои кушод”– ро амалӣ намуда, барои такмили фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар ҷараёни тақсимоти байналхалқии меҳнат иштирок карда истодааст. Вале Тоҷикистон дар қатори кишварҳое мебошад, ки дар онҳо нишондиҳандаи ҳаҷми воридот аз ҳаҷми содирот зиёд буда, тавозуни

пардохтӣ қимати манфиро дошта, минбаъд бояд ҳолати мазкур баръакс шавад, бинобар ва ин масъалаи ниёз мазкур ба таҳқиқоти илмӣ–амалӣ дорад.

Боиси қайд аст, ки ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ аз воридот вобастагии зиёд доранд, вале хусусиятҳои иқтисодии ҳар минтақа аз рӯйи таркиб, сохтори соҳавӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, сатҳи рушд, воридшавӣ ба ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ, вазъи савдои ҳориҷӣ ва воридоту содирот аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Новобаста аз он ки вилояти Суғд минтақаи саноатӣ мебошад, дар сохтори содиротӣ асосан маҳсулоти кишоварзӣ ва ашёи хоми саноатӣ ҳиссаи баланд доранд. Мусаллам аст, ки дар даҳсолаи охир ободкориву созандагӣ дар кулли ҳудуди ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар вилояти Суғд низ мушоҳида карда мешавад, ки ба ин зиёдшавии ҳаҷми содирот низ дохил мешавад. Вале ба ин нигоҳ накарда, як қатор муаммоҳо мавҷуданд, ки истифодаи самараноки иқтидори содиротии минтақаро бозмедоранд.

Ба қатори асоситарини онҳо метавон муаммоҳои зеринро дохил кард:

- дар фаъолияти иқтисодии хориҷии минтақа равиши илман асосноки низомманд таҳия нашудааст, бештари амалиётҳои содиротӣ ба қонеъ гардонидани талаботи муваққатии истеъмолкунандагони хориҷӣ равона гардидаанд;
- дар минтақаи вилояти Суғд, дар шаҳру ноҳияҳои он стратегияи истифодабарии иқтидори содиротӣ, алалхусус, механизмҳои рушди он таҳлил нашудааст;
- дар сохтори молҳои содиротӣ вуҷуд надоштани маҳсулоти бо технологияи баланд истеҳсолшаванда ва маҳсулоти инноватсионӣ.

Таъмини рушди ҳам иқтисодиёти миллӣ дар умум, ҳам минтақаҳои он дар алоҳидагӣ, аз бисёр ҷиҳат аз имкониятҳои содиротии онҳо зарурияти объективӣ дорад, зеро афзоиши содирот ба мустаҳкам намудани захираи тиллою асъори кишвар, ҳамзамон баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсоли молҳои босифат ва васеъ намудани иштиғоли аҳолӣ мусоидат менамояд. Афзоиши ҳаҷм ва номгӯи молҳои содиротӣ ба минтақаҳо имкон медиҳад, ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ на танҳо бо пешниҳоди ашёи хом

(захираҳо), балки бо маҳсулоти тайёр, ки арзиши изофаи баланд доранд, иштирок кунанд. Дар умум, масъалаи баланд бардоштани иқтидори содиротии минтақа барои баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа масъалаи мубрам ва саривақтӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Назарияи муносибатҳои содиротӣ, иқтидори содиротии давлат, минтақаҳо, асосҳои консептуалии сиёсати содиротӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ, аз ҷумла А. Смит [32], Э. Хекшер [38], Б. Олин [20] ва Д. Сакс [28] мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ олимони собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба масъалаҳои иқтидори содиротии минтақаҳо, равишҳои илмӣ, методикаи арзёбии он таваҷҷуҳи бештар зоҳир карданд. Дар ин самт асарҳои олимони рус В.М. Капитсин [31], М.Э. Сейфуллаева [30], В.В. Кирсанов [15], Д.Ю. Ивановский [14], И.И. Савелев [27], Л.И. Абалкин [2], С.Е. Сарсембекова [29], О.А. Федорова [43], С.Ю. Перунов [23], Б.О. Мосейко [17], Ю.Н. Азмина [17], М.Э. Буянова [5] ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҷониби олимони ватанӣ низ ба масъалаи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар самти содирот аҳаммияти махсус зоҳир карда шудааст. Ҷанбаҳои назариявию методологии ташкили фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва иқтидори содиротӣ дар асарҳои олимони ватанӣ, аз ҷумла академикони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Т.Н. Назаров [19], Р. Раҳимов [24], Н. Қаюмов [24], узви вобастаи АМИТ Л.Х. Саидмуродов [33], профессорон Х.У. Умаров [35], А.А. Урунов [36], Т.Р. Ризозода [25], А.М. Раҳимов [26] ва дигарон, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Роҳҳои баланд бардоштани иқтидори содиротии соҳаҳои халқи минтақа дар асарҳои илмии олимони ватанӣ М.М. Шарифзода [40], А.Ғ. Ғозибеков [11], Д.Д. Бобоҷонов [7], А.А. Бойматов [6], Ҷ.А. Алиҷонов [3], М.О. Бобокалонов [8], Б.Г. Сафаров [34], Д.Г. Аминов [4] ва дигарон муайян карда шудаанд.

Масъалаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла иқтидори содиротии корхонаҳоро, аз нуқтаи назарияи микроиқтисодиёт олимони ватанӣ Ҳ.Ҳ. Ҳошимзода [41], С.Д. Комилов [16], М.М. Исмоилов [13], М.К. Файзуллов [37] ва дигарон таҳқиқ кардаанд.

Новобаста аз таҳқиқоти мазкур муаммоҳои арзёбии асосҳои илмӣ–амалии иқтидори содиротии минтақа, тағйироте, ки дар солҳои охир дар ин самт ба вуҷуд омадаанд, мавриди таҳқиқи махсуси олимони ватанӣ қарор нагирифтаанд. Маҳз ҳамин нукта мубрамият ва муҳиммияти мавзуи кори диссертатсиониро муайян мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур дар чорчӯбаи амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба итмом расонида шудааст. Аз ҷумла, тибқи банди 1. Тоҷикистон дар соли 2030. Зербанди 1.2. Нақши рушд; зербанди 3.2. Рушди минтақаҳо. Банди 5, зербанди 5.1. Бахши воқеӣ; зербанди 5.4. Фазои сармоягузорӣ. Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд барои давраи 2021-2025.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин тибқи нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ**. Мақсади таҳқиқоти дисертатсионӣ ғанӣ гардонидан ва инкишоф додани асосҳои назариявӣ, таҳияи тавсияҳои илмӣ–амалӣ оид ба ташаккул ва рушди иқтидори содиротии минтақа барои самаранок ворид гаштани он ба низоми муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ мебошад.

Барои расидан ба мақсади мазкур ҳалли вазифаҳои зерин зарур шуморида шуд:

- таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва моҳияти иқтисодӣ–иҷтимоии рушди иқтидори содиротии минтақаҳо, асоснок намудани равишҳои методии арзёбии он, инчунин омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба содирот дар минтақа;
- таҳлили вазъи муосири рушди иқтидори содиротӣ ва муайян намудани муаммоҳои содиротӣ дар вилояти Суғд;
- таҳқиқ намудани таъсири омилҳои дохила ва хориҷӣ дар самти инкишофи иқтидори содиротии минтақа ва амсиласозии онҳо;
- таҳияи механизми ҳавасмандгардонӣ ва муайян намудани рушди имкониятҳои содиротии соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд.

**Объекти таҳқиқот** маҷмӯи муносибатҳои ташкилию иқтисодие мебошанд, ки дар ҷараёни ташаккул ва рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии минтақаҳо бахри ворид гаштан ба низоми муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ба миён меоянд.

**Предмети таҳқиқот** ҷараёни ташаккул ва рушди иқтидори содиротии вилояти Суғд ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он зоҳир меёбад, ки васеъ намудан ва инкишоф додани иқтидори содиротии минтақа, заминаи мусоид барои баланд бардоштани рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, инчунин беҳтар намудани некуаҳволии аҳолӣ барои воридшавии самараноки минтақа ба ҷараёни ҳамгироӣ мусоидат менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** дастовардҳои назарраси илмӣ оид ба иқтисодиёти минтақа, ташаккули савдои хориҷии он, корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба танзим ва идоракунии муаммои ташаккули иқтидори содиротӣ дар чорчӯбаи иқтидори содиротии минтақа ташкил мекунанд. Дар таҳқиқот паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла маводҳои илмии нашрияҳои бонуфузи ташкилотҳои байналхалқӣ ҳамчун асоси илмӣ истифода шудаанд. Муаммоҳои иқтидори содиротии минтақаҳо дар

чорчӯбаи назарияҳои васеъ паҳнгаштаи бартариятҳои мутлақ, нисбӣ ва консепсияи омилҳои истеҳсолӣ, таҳқиқ карда шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** истифодаи услуб ва принсипҳои зерин ташкил мекунанд: таҳлили оморӣ ва иқтисодӣ, равияи маҷмуӣ ва низомманд, қатори динамикӣ, усули индуксия ва дедуксия, таҳлили коррелятсионии регрессионӣ, усули мантиқӣ, графикӣ ва муқоисавӣ ва ғайра.

**Сарчашмаи маълумотро** дар таҳқиқоти диссертатсионӣ маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Душанбе, ҳисоботи Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд, Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021–2025 ташкил кардаанд, оид ба иттилооти аввалаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо аз маводҳои расмии нашршудаи ташкилотҳои байналхалқӣ, ахбори расмӣ пешниҳод гардидааст. Оид ба рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки дар шабакаи интернет мавҷуд аст, натиҷаи таҳқиқотҳои муаллиф аз иттилоот ва воситаҳои ахбори омма самаранок истифода бурдааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмӣ дар рушди назарияи фаъолияти иқтисодии хориҷии иқтидори содиротии минтақа, таҳияи тавсияҳои илмӣ–амалӣ оид ба баланд бардошатани иқтидори содиротии минтақа дар шароити муосир зоҳир мегардад.

- муқаррароти илмӣ оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар минтақа низомбандӣ гардида ба мундариҷаи мафҳуми таҳқиқот саҳеҳӣ ворид карда шудааст. Тибқи он: “Иқтидори содиротии минтақа ҷузъи таркибии

маъмурии ҳудудӣ ба ҳисоб рафта, қобилияти онро оид ба истеҳсол ва пешниҳод намудани молу хизматрасониҳои дар бозорҳои хориҷӣ рақобатпазир, ки сатҳи иштироки минтақаро дар тақсимоти байналхалқии меҳнат муайян намуданро инъикос менамояд, муайян мекунад". Исбот карда шудааст, ки барои арзёбии иқтидори содиротии минтақа истифодаи усули маҷмӯавӣ мувофиқи мақсад мебошад. Асоснок карда шудааст, ки аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ истифодаи чунин механизмҳои: пешниҳоди субсидияҳои содиротӣ (ИМА); сиёсати қурби асъории чандирӣ (Кореяи Ҷанубӣ, Хитой); суғуртакунии содиротӣ (давлатҳои Иттиҳоди Аврупо); дастгирии давлатии содиротии соҳавӣ (Федератсияи Русия); ташкили фонди махсуси содиротӣ (Арманистон);

- исбот гаррдидааст, ки густариши робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар вилояти Суғд тамоюли мусбӣ дорад. Новобаста аз он мавҷудияти муаммоҳо, дар самт асоснок карда шудааст. Аз ҷумла норасоии сармоя ба соҳа ҳиссаи зиёди содироти ашёи хом; тедоди нокифояи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба иқтидори содиротӣ, амалӣ нагардидани таҳқиқи маркетингӣ норасоиҳо дар рақобатпазирии молҳои ватанӣ Муайян карда шудааст, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд истифодаи иқтидори содиротӣ ноустувор буда, самаранокии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар ш. Панҷакент, ш. Гулистон, н. Б.Ғафуров, н. Айнӣ, ш. Хуҷанд нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳо баланд аст. Пешниҳод шудааст, ки дар дигар шаҳру ноҳияҳо барои рушди иқтидори содиротӣ барномаҳои махсус қабул карда шаванд;

- арзёбӣ карда шудааст, ки вилояти Суғд дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ тибқи меъёри "квотаи савдои хориҷӣ", ки сатҳи ҳамгироии минтақаро ба муносибатҳои байналмилалӣ тавсиф мекунад, мавқеи пешсафро дорад. Заминаҳои асосии он аз ҷумла, сатҳи саноатикунонии минтақа, фаъолияти босуръати субъектҳои иқтисодиёт дар минтақа, афзалиятҳои меҳнатдӯстии қувваи корӣ ва қобилияти соҳибкории аҳолӣ гардонида шудааст. Инчунин амсилаи иқтисодӣ–математикии таъсири фаъолияти содиротӣ ба вазъи некуаҳволии аҳолӣ дар вилояти Суғд таҳия

шудааст. Муайян гардидааст, ки тибқи он чандирнокии тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ таъсиррасонии баланд дорад;

- тавсияҳои илмию амалӣ оид ба таҷдиди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, фаъолияти содиротӣ таҳия ва пешниҳод карда шудаанд. Аз ҷумла ташкили механизмҳои давлатӣ–ярмаркаҳо, намоишгоҳҳои молҳои саноатии корхонаҳои ватанӣ дар кишварҳои хориҷа; коркарди сиёсати минтақавии маркетингии ба содиротнигаронидашуда; дастгирии молиявии давлатии содироткунандагони молу маҳсулоти ватанӣ; кафолат ё ин ки пешниҳоди қарзҳои давлатӣ ба корхонаҳое, ки самараи баланди содиротӣ доранд; суғуртакунии амалиёти содиротӣ аз хавфҳои гуногуни тиҷоратӣ ва ғайра.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- низомбандии назарияҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар минтақа ворид намудани саҳеҳӣ ба мафҳуми таҳқиқот. Исбот намудани равияҳои гуногуни арзёбӣ ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ рушди иқтидори содиротӣ;

- муайян намудани муаммоҳо дар густариши амалиёти содиротии вилояти Суғд таҳлил намудани сатҳи истифодаи иқтидори содиротии шаҳру ноҳияҳои он;

- арзёбии иқтидори содиротии вилояти Суғд аз рӯйи нишондиҳандаи “квотаи савдои хориҷӣ”, иқтидори маркетингии содиротӣ ва чандирнокии гардиши савдои хориҷӣ дар минтақа;

- таҳияи амсилаи иқтисодӣ–математикӣ барои арзёбии таъсири фаъолияти содиротӣ ба вазъи некуаҳволии аҳолӣ дар вилояти Суғд, таҳия ва пешниҳод намудани тавсияҳои илмию амалӣ оид ба рушди робитаҳои иқтисодии хориҷии минтақаҳо.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот**. Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода мегардад, ки дар доираи назарияи фаъолияти иқтисодии хориҷии субъектҳои хоҷагидорӣ дар иқтисодиёти ҳудудҳои алоҳида консепсияи иқтисодиёти минтақа ва идоракунии имкониятҳои он, муқаррароти илмӣ оид ба мундариҷаи иқтидори содиротӣ васеъ карда

шудааст. Аз ҷумла, назарияҳои иқтисодӣ оид ба савдои хориҷӣ, ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ, ки дар асоси амалиётҳои содиротӣ ва воридотӣ такмил дода мешаванд, ғанӣ гардонида шудаанд. Ҷанбаҳои назариявии иқтидори содиротӣ мумкин аст дар таҳияи барномаҳои давлатӣ, стратегия ва дигар маводҳои институтсионалӣ оид ба рушди савдои ҳориҷӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Муқаррарот ва пешниҳодоти илмӣ–амалии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳияшударо барои такмил додани ҷараёнҳои ташаккул, инкишоф ва тавсеаи иқтидори содиротии минтақа дар фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молия, Вазорати корҳои хориҷӣ, аз ҷумла мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, ҳамчунин, дар раванди такмили ҷараёни таълим ҳангоми омодакунии бакалавру магистрҳо аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодӣ, тадриси фанҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, иқтисодиёти минтақа, иқтисодиёти умури гумрук, иқтидори иқтисодии ҳудуди гумрук, идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар мактабҳои олии кишвар истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки муқарраротӣ асосии диссертатсия, самтҳои асосии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба назарияҳои бунёдии иқтисодӣ, ба таҳқиқоти илмию назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масоили мавриди баррасӣ мутобиқат мекунанд ва эътимодбахш мебошанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Доираи таҳқиқ ба шиносномаи ихтисосҳои КОА–и ҶТ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат менамояд: 1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти ҳудудӣ ва минтақавӣ; методҳо ва фишангҳои таҳқиқоти иқтисодии ҳудудӣ; муаммоҳои андозагирии иқтисодии минтақавӣ; эконометрикаи ҳудудӣ; ташхиси системавии муаммоҳо ва ҳолатҳои минтақавӣ. 2. Арзёбии нақши минтақа дар иқтисодиёти миллӣ (нишондиҳандаҳо, методҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; ҷанбаи ҳудудии сохтори иқтисодӣ, қонуниятҳои

шаклдигаркунии он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ. 3. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Интихоби мавзуи таҳқиқот, нақшаи кори диссертатсионӣ, муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар кори диссертатсионӣ таҳия ва асоснок карда шудаанд, аз ҷониби муаллиф дар асоси омӯзиши амалияи рушду нумӯи иқтидори содиротии минтақа мустақилона иҷро шудаанд. Қисми таҳлилии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар асоси ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти оморӣ, арзёбии вазъи кунунии савдои ҳориҷа, фаъолияти содиротӣ дар минтақаҳо, вазъи бахши истеҳсолӣ, инчунин таҳқиқи механизми сиёсати ба содиротнигаронидашудаи минтақавӣ иҷро гардидааст. Умуман, диссертатсия натиҷаи кори илмии мустақилонаи муаллиф мебошад.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Натиҷаҳои асосии илмӣ–амалии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ, семинарҳои дар давраи солҳои 2018–2025 баргузоршуда, аз ҷумла конференсияи байналмилалии илмӣ–амалии "Асосҳои назариявӣ–методологии таҳқиқи иқтидори содиротии минтақа дар шароити муосир", конференсияи ҷумҳуриявии "Нақши воридотивазкунӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ", конференсияҳои вилоятӣ, конференсияҳои донишгоҳии "Нақши саноат дар тараққиёти иқтисодиёти миллӣ", "Рушди иқтидори содиротии вилояти Суғд дар шароити муосир" семинараҳои ДДҲБСТ "Тамоюл ва рушди иқтидори содиротии минтақа" ва "Асосҳои назариявии иқтидори содиротии минтақа" ироа гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Нуктаҳои асосии рисолаи илмӣ дар 16 мақола бо ҳаҷми умумии 7 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия инъикос ёфтаанд.

**Сохтори кори илмӣ**. Таҳқиқоти илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 169 саҳифаи матни компутерӣ буда, аз ҷумла 6 расм ва 21 ҷадвалро дарбар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамият, дараҷаи коркарди масъалаи илмӣ, мақсади ва вазифаҳо, объект ва мазуи таҳқиқот муайян карда, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда собит сохта шудаанд.

Дар боби якум – "Асосҳои назариявию методии таҳқиқоти иқтидори содиротии минтақа" – ҷанбаҳои консептуалӣ, равишҳои методии арзёбии иқтидори содиротӣ, инчунин таҷрибаи хориҷии ҳавасмандкунии содирот дар иқтисодиёти минтақа баррасӣ гардидаанд.

Дар шароити муосир, ки сиёсати дарҳои кушод дар амал аст, ҷараёни таъсири бевоситаи ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёти ҳар як давлати мустақил афзоиш меёбад. Ҷаҳонишавӣ иқтисодиёти Тоҷикистонро низ ба хоҷагии ҷаҳонӣ бо тарзи объективӣ ворид мегардонад. Бинобар ин равандҳои содиротии ҳар як минтақа бояд таҷдиди назар карда шаванд. Дар ин ҷода ташаккул додан ва истифода будани самараноки иқтидорҳои иқтисодӣ барои афзоиши содирот мувофиқи мақсад аст. Бинобар ин, дар оғози пажуҳиш зарурати таҳлили ҷанбаҳои назариявии мафҳуми "иқтидори содиротӣ" ба миён меояд.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ оид ба мафҳум, мундариҷа ва категорияи "иқтидори содиротӣ" нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Олимон таърифҳои мухталифи категорияи иқтидори содиротиро пешниҳод кардаанд, ки ҳар яки он ҷиҳатҳои мусбат ва манфии худро дорад. Нуқтаи назари баъзе олимон оид ба масъалаи мазкур дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ба назари мо, таърифҳои пешниҳодшудаи мафҳуми “иқтидори содиротӣ”, новобаста аз баъзе норасоию камбудиҳо ба рушди илми иқтисодӣ заминаи мусоид мегузоранд, зеро ҳар як мафҳум дар якҷоягӣ якдигарро пурра гардонида, имкон медиҳад, ки бо тарзи системавӣ ақидаи иқтидори содиротиро тавзеҳ диҳад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ аз рӯйи иқтидори содиротӣ аз ҳамдигар куллан фарқ мекунад. Ин мантиқан дуруст аст, зеро ҳар як минтақа бо шароитҳои табиӣ, иқтисодӣ, захиравӣ, демографӣ, иқлимӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Бинобар ин, дар чорчӯбаи ҷалб ва ҷобаҷогузории сармоягузориҳои давлатию хориҷӣ бояд муайян намудани идоракунии содирот дар минтақаҳо, назорати сатҳи рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии минтақаҳо, идоракунии иқтидори содиротии онҳо ба инобат гирифта шаванд.

**Ҷадвали 1 – Мафҳум ва моҳияти иқтидори содиротии минтақа**

| Муаллифон | Мафҳуми иқтидори содиротӣ |
|---|---|
| Announcing Каписин В.М., Сейфуллаева М.Э. [31]. | Иқтидори содиротии минтақа, заминаи захиравӣ ва вазъи иқтисодие фаҳмида мешавад, ки минтақаро бо рушди илмию техникӣ, технологӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва кадрӣ таъмин менамояд. |
| Кирсанов В.В. [15]. | Иқтидори содиротӣ – ин қобилияти иқтисодиёт дар сатҳи бадастомадаи рушди омилҳои истеҳсолот ва низоми таъминоти ташкилию иқтисодии содирот ва молу хизматрасониҳои рақобатпазир дар минтақа мебошад. |
| Невская Н.А. [18]. | Иқтидори содиротӣ – ҳаҷми маҳсулоти рақобатпазире мебошад, ки дар бозори хориҷӣ талабот дорад ва аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор метавонад дар шароити мавҷуда истеҳсол ва ба муомилот бароварда шавад. |
| Ивановский Д.Ю. [14]. | Иқтидори содиротии минтақа қобилияти низоми иқтисодии минтақа дар таъмини истеҳсол ва ба муомилот баровардани маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои хориҷӣ дар назар дорад. |
| Сарсембекова С.Е. [29]. | Иқтидори содиротӣ – ин қобилияти истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулоти рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ буда, барои амалӣ намудани тағйироти динамикӣ дар соҳаҳои махсусгардонии содирот ва зиёд намудани маҳсулоти гуногуни рақобатпазир бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеъ пешниҳод шудааст. |
| Бобоҷонов Д.Д. [7]. | Иқтидори содиротӣ ҳамчун раванди тиҷоратӣ механизмҳои асосии ташкил, рушд ва идоракуниро дар бар гирифта, асоси функсияҳои банақшагирӣ, танзим, ташкил, ҳавасмандгардонӣ ва назорат амалӣ гардонида мешаванд. |

*Идомаи Ҷадвали 1.*

| | |
|---|---|
| Блиничкина Н.Ю. [9]. | Иқтидори содиртӣ ин имкониятҳо ва шароитҳои мавҷудаи молу хизматҳои содиротӣ дар минтақа буда, барои амалишавии рушди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ равона карда шудааст. |
| Аминов Д.Г. [4]. | Иқтидори содиротӣ ҳамчун як низоми мураккаби муташаккил, ки се унсури асосиро аз қабили иқтидори дохилии иқтисоди миллӣ, иқтидори бозорҳои хориҷӣ ва низоми монеаҳо аз ҳавасмандгардонӣ барои молҳои содиротӣ дар бар мегирад, маънидод шудааст. |
| Пешниҳоди муаллиф | |
| Иқтидори содиротии минтақа – узви таркибии бахши иқтисодиёти воҳиди маъмурию ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, қобилияти онро оид ба истеҳсол ва пешниҳод намудани молу хизматрасониҳои рақобатпазир, ки ба бозорҳои хориҷӣ, сатҳи иштироки минтақаро дар тақсимоти байналхалқии меҳнат инъикос менамояд. | |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар доираи адабиёти дастрасшуда*

Илми иқтисодиёт эътироф менамояд, ки иқтидори содиротиро бо як нишондиҳанда арзёбӣ кардан хело душвор буда, барои он нишондиҳандаҳои маҷмуӣ заруранд. Масалан, барои арзёбии муқоисавии иқтидори содиротии минтақаҳо чунин нишондиҳандаҳо пешниҳод шудаанд: ҳиссаи ҳар як минтақа дар гирдгардиши савдои хориҷӣ ва содироти кишвар; ҳаҷми содироти маҳсулот ба ҳар сари аҳолии минтақа; ҳиссаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа, ҳаҷми умумии сармоягузорӣ; ҳиссаи корхонаҳои муштараки минтақаҳо дар ҳаҷми умумии содирот; истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои муштараки минтақа ба ҳар сари аҳолӣ; ҳиссаи корхонаҳои муштарак дар истеҳсоли молҳои саноатии минтақа; ҳиссаи маҳсулоти алоҳидаи истеъмолӣ дар ҳаҷми умумии воридот [17].

Як қатор олимон иқтидори содиротиро ҳамчун маҷмуи ҷузъҳои таркибии захиравӣ маънидод менамоянд: “Иқтидори захиравии минтақа маҷмуи иқтидорҳои зеринро дар бар мегирад: иқтидорҳои ташкилӣ–идоракунӣ, кадрӣ, табиӣ–захиравӣ, инноватсионӣ, истеҳсолӣ, маркетингӣ ва инвеститсионӣ” [39]. Дар ин асос гурӯҳбандии ҷузъҳои таркибии иқтидори содиротиро муайян кардан мумкин аст. Ҳар як ҷузъи таркибии қайдкардашудаи иқтидори содиротӣ нишондиҳандаҳои бевоситаи худро дорад. Оид ба баъзеи онҳо, ки бевосита иқтидори содиротиро инъикос менамоянд, ибрози андеша мекунем. Якум, нишондиҳандаи квотаи савдои

хориҷӣ, ки сатҳи иштироки минтақаро дар муносибатҳои байналхалқиро инъикос менамояд.

Нишондиҳандаи дигар коэффитсиенти рӯйпӯшкунии воридот бо содирот аст, ки сатҳи худтаъминкунии минтақаро бо савдои хориҷӣ мефаҳмонад. Дар ин ҷо қимати меъёрӣ бояд аз 1 зиёд бошад.

Коэффитсиенти махсусгардонидаи воридотии соҳавии минтақа, ки сатҳи махсус гардонидаи воридоти соҳавии минтақаро нишон медиҳад, бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$К_{смвм} = \frac{В_{соҳа} В_{кишвар}}{В_{соҳаи\ кишвар} И_{минтақа}}, \qquad (1);$$

Дар ин ҷо: $В_{соҳа}$ – содироти соҳаи минтақа, сом.; $В_{кишвар}$ – содироти кишвар, сом.; $В_{соҳа\ кишвар}$ – содироти соҳаҳои кишвар дар умум, сом.; $И_{минтақа}$ – воридоти минтақа, сом. Дар адабиёти иқтисодӣ омадааст, ки қимати меъёрии нишондиҳандаи ягонаи коэффитсиенти соҳаи махсусгардонидаи воридотии минтақа (Ксмвм) чунин аст:

Ксмвм > 1,25 – соҳаи базавӣ; 0,75 < Ксмвм < 1,25 – соҳаҳое, ки барои истеъмоли дохилӣ нигаронида шудаанд; Ксмвм < 0,75 – соҳаҳое, ки ба воридодивазкунӣ нигаронида шудаанд.

Коэффитсиенти соҳавии махсусгардонии содироти минтақа, ки сатҳи махсусгардонии содиротии соҳаро дар минтақа нишон медиҳад

$$К_{смсм} = \frac{С_{соҳа} С_{кишвар}}{С_{соҳа\ кишвар} С_{минтақа}}, \qquad (2);$$

Дар ин ҷо қимати меъёрии нишондиҳандаҳо чунин қабул гардидааст: Ксмсм > 1,25 – соҳаи базавӣ; 0,75 < Ксмсм < 1,25 – соҳаҳое, ки барои истеъмоли дохила нигаронида шудаанд; Ксмсм < 0,75 – соҳаҳое, ки ба воридотивазкунӣ нигаронида шудаанд.

Коэффитсиенти иқтидори маркетингии минтақа, ки ҳиссаи содироти софро дар гардиши савдои хориҷии минтақа тавсиф мекунад ва қимати меъёрии он бояд аз сифр зиёд бошад. Формулаи ҳисоб:

$$K_1 = \frac{(С-В)}{Гсх} \qquad (3);$$

Дар ин ҷо: С – ҳаҷми содироти минтақа, сом.; В – ҳаҷми воридоти минтақа, сом.; Гс – гардиши савдои хориҷии минтақа, сом.

Коэффитсиенти чандирнокии гардиши савдои хориҷӣ, ки ин ҳам ҷузъи таркибии коэффитсиенти иқтидории маркетингӣ мебошад ва барои муқоиса намудани сатҳи рушди савдои хориҷии минтақа бо сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти минтақа муайян шудааст. Формулаи ҳисоб:

$$K_2 = \frac{I_{\text{савдои хориҷӣ}}}{I_{\text{МММ}}} \qquad (4);$$

Дар ин ҷо: $I_{\text{савдои хориҷӣ}}$ – суръати афзоиши савдои хориҷии минтақа;

$I_{\text{ммм.}}$ – суръати афзоиши МММ. Ин нишондиҳанда қимати меъёрӣ надорад.

Нишондиҳандаҳои қайдгардидаро бо истифодаи маълумот аз сарчашмаҳои оморӣ ҳисоб кардан мумкин аст, вале дар сарчашмаҳои оморӣ на ҳамаи маълумот дарҷ мегарданд ва дастрасӣ ба онҳо хело мушкил аст. Бинобар ин, баъзеи онҳоро бо истифодаи усулҳои мантиқӣ ва ҳисобӣ муайян кардан мумкин аст.

Дар асоси ҳисоби нишонидҳандаҳои мазкур, ба иқтидори содиротии минтақа низ арзёбӣ кардани корхонаҳо ва дар асоси он иқтидори содиротии минтақаро муайян кардан мумкин аст. Ба тарзи дигар гӯем, иқтидорҳои содиротии корхонаҳо, ки дар қаламрави минтақа ҷойгиранд дар якҷоягӣ, яъне бо тарзи интегралӣ иқтидори содиротии минтақаро муайян месозад.

Барои арзёбии самаранокии содирот нишондиҳандаҳои зеринро ба инобат гирифтан мувофиқи мақсад аст:

- гунҷоиши содиротӣ (ҳаҷми содирот ба ММД), гунҷоиши воридот (ҳаҷми воридот ба ММД), чандирнокии содирот аз рӯйи ММД, чандирнокии воридот аз рӯйи ММД, шохиси шарти савдо, коэффсиенти махсусгардонии мол, коэффитсиенти махсусгардонии ҷуғрофӣ, сатҳи баромадан ба бозори хориҷӣ, сатҳи ба содиротравонкардашудаи ҳар як фаъолияти иқтисодӣ, сатҳи ба воридкунандагони мол ва маҳсулот, сатҳи

даромаднокии молҳои содиротӣ, коэффитсиенти мувозинатии савдои хориҷӣ [44].

Барои арзёбии иқтидори содиротӣ, низоми маҷмуии нишондиҳандаҳо, ки марҳилаҳои ташаккулёбӣ, рушд ва идоракунии иқтидори содиротиро тавсиф мекунанд, истифода бурда мешавад, зеро равиши мазкур ҳолати корро дар сатҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, истифодаи амалии онҳо имкон медиҳад, ки тамоюл, муаммо ва афзалиятҳои рушд дар соҳаи содирот муайян карда шаванд. Ин бошад ба муайян намудани имкониятҳои мавҷуда барои баромадан ба бозорҳои хориҷӣ мусоидат менамояд.

Афзоиш додани иқтидори содиротӣ дар шароити муосир яке аз равишҳои асосии сиёсати савдои хориҷии аксари кишварҳои ҷаҳон мебошад. Махсусан, дар кишварҳои мутараққӣ нисбати ҳавасманд намудани содирот стратегияҳои гуногуни ҳавасмандгардонии давлатиро истифода мебаранд. Ғайр аз ин, дар солҳои охир дар кишварҳои тараққикардаистода низ низоми дастгирии давлатӣ ва мусоидат ба содироти миллӣ бештар паҳн шуда истодааст.

Дар барномаи ҳавасмандгардонии содирот дар ИМА, оид ба мусоидат ба содирот чорабиниҳои махсус таҳия карда мешаванд. Аз ҷумла, баровардани варақаҳои махсуси иттилоотӣ, маълумотномаҳо; – сохтани сомонаҳои махсус оид ба расонидани кӯмаки амалӣ ба молистеҳсолкунандагони содиротӣ; роҳнамоиҳои методӣ оид ба шакл ва механизми дастрасӣ ба сарчашмаҳои молиявию дастгирии давлатии содирот; аз ҷониби агентии савдои амрикоӣ кушодани намояндагиҳо дар он минтақаҳое, ки корхонаҳои амрикоӣ мехоҳанд ба онҳо содирот намоянд.

Давлати Кореяи ҷанубӣ дар сиёсати саноатии худ ҳавасманд намудани баъзе соҳаҳо, яъне истеҳсолотҳои алоҳидаро қайд кардааст. Масалан, Кореяи ҷанубӣ ба бозори ҷаҳонӣ телевизорҳои ранга пешниҳод мекунад. Дар давлатҳои Осиё, ки ба қатори кишварҳои нави саноатӣ дохил мешаванд, аз ҷумла дар Малазия, Тайван, Сингапур, дахолат кардани давлат ба содирот манъ карда шудааст. Айни замон давлатҳои мазкур

барои истеҳсоли молҳое, ки дар бозори ҷаҳонӣ талаботи зиёд доранд, имконият ва шароити мусоид фароҳам овардаанд.

Дар байни кишварҳои Иттиҳоди Аврупо таҷрибаи давлати Испания оид ба дастгирии давлатии содирот гуногунҷабҳа ва ҷолиби диққат мебошад. Яке аз ташкилоти бонуфузи давлатие, ки содиротро ҳавасманд менамояд, Институти савдои хориҷӣ (ICEX) мебошад, ки ҳар сол барои афзоиш додани амалиётҳои содиротӣ маблағҳои хеле ҷудо мекунад. Институти мазкур дар минтақаҳо шуъбаҳои худро дорад ва бо Палатаи савдо – ташкилоти соҳавии содироткунандагони Испания ҳамкории зичро ба роҳ мондааст [12].

Дар Федератсияи Русия додани қарз ба рушди содирот пешбинӣ шудааст. Асосан ин кор дар самти фурӯши маҳсулоти баланд– технологияи истеҳсоли Русия амалӣ мегардад. Пешниҳоди қарз аксар вақт аз ҷониби Бонки рушд ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (Внешэкономбанк), Бонки содиротӣ ва воридотии Русия (РОСЭКСИМБАНК) амалӣ мегардад. Бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби бонкҳои мазкур ғайр аз пешниҳоди захираҳои қарзӣ кафолати бонкӣ оид ба пешниҳоди содирот ва қарзҳо низ дода мешавад.

Дар Ҷумҳурии Белорус ба масъалаи дастгирии содирот аҳаммияти махсус дода мешавад. Аз ҷониби Шурои Вазирони Ҷумҳурии Белорус, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Белорус “Харитаи роҳ”–и барномаи дастгирӣ ва рушди содирот дар комплекси агросаноатӣ таҳия карда шудааст. Барои суғуртакунии хавфҳои содиротӣ бо дастгирии давлат аз ҷониби корхонаи давлатии ҷумҳуриявии Белорус бо номи “Оид ба суғуртакунии содиротӣ ва воридотӣ” (БЕЛЭКСИМГРАНТ) суғуртакунии содиротии қарзӣ гузаронида мешавад. Ҷолиби диққат аст, ки буҷети ҷумҳуриявӣ то 50%–и хароҷоти содироткунандагони Ҷумҳурии Белорусро барои иштирок дар намоишномаҳои байналмилалӣ рӯпӯш мекунад. Дар Ҷумҳурии Белорус дастгирии содирот дар самти машваратдиҳӣ ва баамалбарории амалиёти савдои хориҷӣ аз ҷониби корхонаи воҳиди

ҷумҳуриявии иттилоотии “Маркази миллии маркетинг ва конюнктураи нарх” ба амал бароварда мешавад [44].

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бошад, дастгирии содироткунандагони минтақавӣ ва наздисарҳадӣ бо роҳи арзёбии иқтидори содиротӣ, таҳлили имкониятҳои бозорӣ ва монеаҳои савдо аз ҷониби Вазорати савдо ва ҳамгироии Ҷумҳурии Қазоқистон ба роҳ монда мешавад. Барои амалӣ гаштани ин мақсад дар Вазорати савдо ва ҳамгироии Ҷумҳурии Қазоқистон барои истеҳсолкунандагони молҳои содиротӣ равзанаи ягона бо номи “Qaz Trade” фаъолият мекунад. Палатаи миллии соҳибкорони Ҷумҳурии Қазоқистон бо номи “Атамекен” хароҷоти содироткунандагони молҳои ватаниро барои иштирок дар намоишгоҳои савдо ва намоишгоҳҳои дигар рӯпӯш мекунад.

Бешубҳа ба инобат гирифтани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла таҷрибаи кишварҳои хориҷа дар самти дастгирии содирот бояд самараи хуб диҳад, зеро арзёбии объективии истифода ва дар амал ҷорӣ намудани баъзе унсурҳои таҷрибаи хориҷӣ, ба боз ҳам баланд бардоштани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

**Дар боби дувум** – “Ҳолати муосир, тамоюлот ва омилҳои рушди иқтидори содиротии вилояти Суғд” – тавсифи умумӣ, тамоюлот, муаммоҳо ва омилҳои инкишофи иқтидори содиротии вилояти Суғд пешниҳод шудааст.

Дар шароити муосир фаъолияти содиротӣ дар низоми хоҷагидорӣ дар сатҳи макро, микро ва мезоиқтисодиёт аҳаммияти хоса дорад, зеро он имкон медиҳад, ки ҳам иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва ҳам иқтисодиёти минтақаҳо ба ҷараёни тақсимоти байналҳалқии меҳнат ворид гардида, ба баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир зарурати муайян кардан ва афзоиш додани иқтидори содиротӣ ва таъмини диверсификатсияи он ба миён омадааст.

Дар шароити муосир дар рушди минтақа фаъолияти содиротӣ аҳаммияти махсус дорад. Пеш аз ҳама тағйирёбии ҳаҷми содирот ва

аҳаммияти ҳиссаи онро дар вилояти Суғд баррасӣ мекунем, зеро ҳаҷми содирот аз тағйирёбии конъюнктураи иқтисодии бозори давлатҳои хориҷа вобаста аст ва яке аз омилҳои мусоидаткунандаи рушди содирот ба ҳисоб меравад. Барои ин ҳиссаи содиротро дар ҳаҷми умумии МММ дида мебароем (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2 – Ҳаҷми содирот дар МММ–и вилояти Суғд**

| | 2005 | 2010 | 2015 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2005 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| МММ, млн. сом. | 1764,5 | 5716,2 | 12036,9 | 20537,1 | 21621,9 | 27465,4 | 31939,2 | 35177,4 | 19,9 |
| Қурби асъор (доллар/сомонӣ) | 3,199 | 4,4026 | 6,1645 | 9,680 | 10,960 | 11,300 | 11,150 | 1094,70 | 342,2 |
| МММ, млн.долл | 551,58 | 1298,37 | 1952,62 | 2121,60 | 1972,80 | 2430,57 | 2864,5 | 3213,4 | 5,8 |
| Ҳаҷми содирот млн. долл | 139,4 | 207,8 | 468,0 | 471,1 | 353,8 | 633,1 | 1086,2 | 756,7 | 5,4 |
| Содирот дар МММ (бо %) | 25,27 | 16,00 | 23,97 | 22,20 | 17,93 | 26,05 | 37,9 | 23,5 | 93 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [21, с. 10,11,12,13]*

Аз додаҳои ҷадвал бармеояд, ки содироти вилоят тамоюли ноустувор дорад. Бо вуҷуди ин дар соли 2023 нишондиҳандаи мазкур назар ба соли 2018 35,1% афзудааст, ки дар умум аз ташаккул ёфтани иқтидори содиротии минтақа шаҳодат медиҳад. Инчунин бояд қайд намуд, ки ҳиссаи ин нишондиҳанда низ дар МММ дар марҳилаҳои мавриди баррасӣ тамоюли шабеҳро соҳиб аст. Ҳамин тавр, дар тағйирёбии тамоюли динамикаи содирот ва вазни қиёсии он дар МММ нақши қурби асъори миллӣ нисбат ба хориҷӣ назаррас мебошад, зеро он дар баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ таъсири муҳим дорад.

Дар солҳои мавриди таҳлил вилояти Суғд диверсификатсияи ҷуғрофии содиротро васеъ намуда истодааст. Алҳол мол ва маҳсулоти вилояти Суғд ғайр аз кишварҳои ҳамсоя ба бозорҳои Аврупо, Амрико ва дигар кишварҳо низ ворид мешавад. Ба туфайли амалишавии сиёсати “дарҳои кушод” ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Суғд низ бо кишварҳои хориҷӣ муносибатҳои иқтисодиро ба роҳ мондаанд. Савдои хориҷии вилояти Суғд дар умум бо кишварҳои ИДМ соли 2023 зиёда аз

50%–ро ташкил кардааст. Ҳиссаи давлатҳои хориҷаи дур – 2,5%, дигар давлатҳои хориҷӣ бошад – 44,9%–ро ташкил кардааст.

Яке аз нишондиҳандаҳое, ки иқтидори содиротиро аз нуқтаи назари ташкили идоракунии содиротии минтақа арзёбӣ менамояд, “квотаи савдои хориҷӣ” номида мешавад. Ин нишондиҳанда сатҳи воридшавии минтақаро ба муносибатҳои ҷаҳонӣ тавсиф мекунад (ниг. ба ҷадвали 3.).

**Ҷадвали 3 – Нишондиҳандаҳои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [22,21,10]**

*(ҳазор доллари ИМА)*

| | Солҳо | Содирот | Воридот | МММ | Квотаи савдои хориҷӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2018 | 1073,3 | 3151,0 | 6508,5 | 64,9 |
| | 2022 | 2142,0 | 5167,5 | 9760,6 | 74,9 |
| | 2023 | 2448,8 | 5880,1 | 11238,4 | 74,1 |
| в. Суғд | 2018 | 559,7 | 1455,9 | 1945,4 | 103,6 |
| | 2022 | 1086,2 | 2099,4 | 2864,5 | 111,2 |
| | 2023 | 756,7 | 2037,6 | 3213,4 | 87,0 |
| в.Хатлон | 2018 | 162,2 | 205,9 | 1814,3 | 20,3 |
| | 2022 | 185,6 | 250,2 | 2553,5 | 17,1 |
| | 2023 | 232,9 | 270,06 | 3294,5 | 15,3 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [22, 21, 10]*

Боиси қайд аст, ки дар масъалаи мазкур минтақаи вилояти Суғд нишондиҳандаҳои хеле баланд дорад. Ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷии вилояти Суғд нисбат ба МММ дар соли 2023 87,0%–ро ташкил намуд. Аз сабаби он, ки воридшавии вилояти Суғд ба ҷараёни ҳамгироӣ хеле зиёд аст, амалиётҳои содиротӣ ва воридотӣ дар маҷмуъ қариб ба ҳаҷми МММ баробар мебошад. Мушоҳида карда мешавад, ки “квотаи савдои хориҷӣ” дар вилояти Хатлон на танҳо аз нишондиҳандаҳои вилояти Суғд, инчунин аз нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ низ пастар аст. Ҳолати мазкур низ сабабҳои объективӣ дорад, яъне минтақаи вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ иқтидори саноатии мустаҳкам дорад, фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ баланд аст, таркиби касбиятӣ ва тахассусмандии қувваҳои корӣ ба кадрҳои муҳандисӣ, техникӣ–технологӣ, иқтисодӣ бартариятҳо дорад. Илова бар ин қобилияти соҳибкорӣ ва менталитети аҳолӣ тафовут аст.

Дигар нишондиҳандае, ки дар ин самт баҳри арзёбии самаранокии истифодаи иқтидори содиротӣ корбаст мегардад, коэффитсиенти рӯйпӯшкунии воридот бо содирот мебошад (ниг. ба ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4 – Коэффитсиенти рӯйпӯшкунии воридот бо содирот**

| | Номгӯйи нишондиҳандаҳо | солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | Содирот | 1174,4 | 1406,8 | 2149,6 | 2142,0 | 2448,8 |
| | Воридот | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 5167,6 | 5880,1 |
| | Коэф. рӯйпӯшкунӣ | 0,341 | 0,351 | 0,446 | 0,511 | 0,416 |
| **Вилояти Суғд** | Содирот | 471,1 | 353,8 | 633,1 | 1086,2 | 756,7 |
| | Воридот | 1571,6 | 1313,8 | 1629,6 | 2099,4 | 2037,6 |
| | Коэф. рӯйпӯшкунӣ | 0,384 | 0,300 | 0,269 | 0,389 | 0,371 |
| **Вилояти Хатлон** | Содирот | 184,1 | 142,9 | 176,1 | 238,2 | 232,8 |
| | Воридот | 270,4 | 165,5 | 386,1 | 260,0 | 270,6 |
| | Коэф. рӯйпӯшкунӣ | 0,788 | 0,86 | 0,863 | 0,456 | 0,860 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [22, 21, 10]*

Нишондиҳандаи коэффитсиенти рӯйпӯшкунии воридот ва содирот дар вилояти Суғд ҳам аз нишондиҳандаи вилояти Хатлон ва ҳам қимати миёнаи ҷумҳуриявӣ кам аст. Инро дар таҳлили ҷадвали якум каме асоснок намудем. Молу хизматрасонии воридотӣ аз он кишварҳое, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои хуби иқтисодии хориҷӣ ва бо ҳудуди вилояти Суғд ҳамсарҳад мебошанд, гузаргоҳҳои гумрукии молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегардад. Бинобар ин, ҳаҷми воридот дар вилояти Суғд нисбатан баланд аст. Масалан, дар вилояти Суғд соли 2023 коэффисиенти рӯйпушкунӣ 0,371–ро ташкил кардааст. Умуман, гуфтан ҷоиз аст, ки коэффитсиенти рӯйпӯшкунии воридот бо содирот дар ҷумҳурӣ беҳтариро металабад, яъне чи тавре ки нишондиҳандаҳои миёнаи ҷумҳуриявӣ собит мекунанд, қимати манфӣ дорад. Аз ин рӯ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бояд ҳам дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ дар бобати беҳтар намудани нишондиҳандаи коэффитсиенти рӯйпӯшкунии воридот ва содирот чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ, бо ҳисоб кардани коэффитсиентҳои иқтидори маркетингии минтақа, ки ҳиссаи содироти софро дар гардиши савдои хориҷии минтақа тавсиф мекунад, мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Чӣ тавре ки дар қисми назариявии диссертатсия

қайд карда будем, қимати меъёрии он бояд аз сифр зиёд бошад. Коэффитсиенти мазкур бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$K_з = \frac{(С-В)}{Сх} \qquad (5);$$

Аз далелу рақамҳои оморӣ истифода бурда, ин коэфитсиентро дар иқтисодиёти вилояти Суғд ва дар иқтисодиёти вилояти Хатлон баррасӣ мекунем (ниг. ба ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5 – Ҳиссаи “содироти соф” дар гирдгардиши савдои хориҷии вилояти Суғд**

*(млн. доллар)*

| Номгӯйи нишондиҳандаҳо | минтақаҳо | солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Ҳаҷми содирот (млн. доллар) | в. Суғд | 559,7 | 471,1 | 353,8 | 633,1 | 1086,2 | 257,7 |
| | в. Хатлон | 162,2 | 184,1 | 142,9 | 176,1 | 182,5 | 252,8 |
| Ҳаҷми воридот (млн. доллар) | в. Суғд | 1455,9 | 1571,6 | 1313,8 | 1629,6 | 2099,4 | 2037,6 |
| | в. Хатлон | 205,9 | 220,4 | 165,5 | 386,1 | 384,6 | 270,6 |
| Содироти соф (млн. доллар) | в. Суғд | –896,2 | –1100,5 | –960 | –996,5 | –1013,2 | –1280,9 |
| | в. Хатлон | –43,7 | –36,3 | –22,6 | –210 | –204,1 | –37,8 |
| Гирдгардиши савдои хориҷӣ (млн. доллар) | в. Суғд | 2015,6 | 2042,7 | 1667,6 | 2262,7 | 3185,7 | 2794,3 |
| | в. Хатлон | 368,1 | 404,5 | 308,5 | 562,1 | 567,1 | 503,5 |
| Коэффиссиентҳои иқтидори маркетингии минтақа (индекс) | в. Суғд | –0,445 | –0,539 | –0,576 | –0,440 | –0,318 | –0,458 |
| | в. Хатлон | –0,119 | –0,090 | –0,073 | –0,374 | –0,360 | –0,035 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [22, 21, 10]*

Нишондиҳандаҳои мазкур дар арзёбии иқтидори содиротии минтақа, ки номи иқтидори маркетингии минтақа, яъне тавассути арзёбӣ намудани ҳаҷми содироти соф баргузор карда мешавад, аҳаммияти калон доранд, зеро содироти соф аз нуқтаи назари макроиқтисодиёт яке аз нишондиҳандаҳое мебошад, ки ба иқтидори истеҳсолии минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсири худро расонида, дар нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ инъикос мегардад.

Чи тавре ки мушоҳида кардан мумкин аст, нишондиҳандаи содироти соф дар вилояти Суғд нисбат ба вилояти Хатлон аз 42,4 (дар соли 2020) то 4,7 (дар соли 2021) маротиба зиёд аст. Ҳолати мазкур ба коэффитсиенти иқтидори маркетингии минтақа таъсири бевосита дорад. Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, дар вилояти Суғд коэффитсиенти мазкур аз сифр кам буда соли 2023 ба минус 0,458 баробар гаштааст.

Барои муқоиса намудани сатҳи рушди савдои хориҷии минтақа бо сатҳи рушди ММM фаъолияти содиротии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла фаъолияти содиротии вилояти Суғд ва вилояти Хатлонро аз рӯйи меъёри коэффитсиенти чандирнокии гардиши савдои хориҷӣ таҳқиқ менамоем.

Ин нишондиҳанда қимати меъёрӣ надорад, вале аз рӯйи мантиқ вақте ки қиммати он аз 1 зиёд бошад, иқтисодиёти минтақаро ба содиротнигоранидашуда тавсиф кардан мумкин аст, ки он бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$K_4 = \frac{I_{\text{с.х.}}}{I_{\text{ммм}}} \qquad (6);$$

Дар ин ҷо:

$I_{\text{с.х.}}$ – суръати афзоиши савдои хориҷии минтақа;

$I_{\text{ммм.}}$ – суръати афзоиши ММM.

**Ҷадвали 6 – Коэффитсиенти чандирнокии гардиши савдои хориҷӣ дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон**

| Номгӯйи нишондиҳандаҳо | минтақаҳо | солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Суръати афзоиши савдои хориҷии минтақа (сатҳи рушд %) | в. Суғд | 98,32 | 101,34 | 81,64 | 135,69 | 171,2 | 87,7 |
| | в. Хатлон | 102,3 | 109,89 | 76,27 | 182,20 | 103,6 | 101,05 |
| Суръати афзоиши ММM (сатҳи рушд %) | в. Суғд | 104,76 | 111,96 | 105,28 | 127,03 | 161,3 | 110,1 |
| | в. Хатлон | 106,8 | 114,9 | 112,2 | 122,1 | 107 | 108,3 |
| Коэффитсиенти чандирнокии гардиши савдои хориҷӣ (шохис) | в. Суғд | 0,939 | 0,905 | 0,775 | 1,068 | 1,061 | 0,79 |
| | в. Хатлон | 0,958 | 0,956 | 0,680 | 1,492 | 0,968 | 0,93 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [22, 21, 10]*

Дар солҳои мавриди таҳқиқ, чи хеле ки аз ҷадвал мушоҳида карда мешавад, қимати нишондиҳандаҳои мазкур ҳам дар иқтисодиёти вилояти Суғд ва ҳам дар иқтисодиёти вилояти Хатлон аз як воҳид зиёд гаштааст, ки ин маънои дар минтақаҳо аҳаммияти ҷиддӣ додан ба содироти молу хизматрасониро дорад.

Умуман, нишондиҳандаи коэффитсиенти чандирнокии гардиши савдои хориҷиро, ки суръати афзоиши савдои хориҷии минтақаро дар чаҳорчӯбаи сатҳи рушди ММM арзёбӣ менамояд, дар таҳияи стратегияи

рушди иҷтимоӣ иқтисодии минтақа ба ҳайси асос ба инобат гирифтан мумкин аст.

Рушд ва тавсеаи иқтидори содиротӣ дар ҳар як минтақа ҳамон вақт имконпазир мешавад, ки агар рақобатпазирии мол дар бозорҳои хориҷа таъмин шуда бошад. Масъалаи таъмини рақобатпазирӣ бошад, аз бисёр омилҳо, яъне аз омилҳои ҳам дохила ва ҳам хориҷӣ вобастагӣ дорад. Азбаски омилҳои мазкур бевосита ба предмети таҳқиқоти мо дохил намешаванд, онҳоро мавриди баррасӣ қарор намедиҳем. Аз натиҷаҳо, далелу рақамҳо оид ба воридот ва содироти мол дар асоси муайян намудани муқоисаи нархҳо, хароҷот, сифати маҳсулот нисбат ба давлатҳои содиротшаванда, яъне арзёбӣ намудани рақобатпазирии номгӯи зиёди молҳоро надорем. Бинобар ин, рақобатпазирии молҳоро дар асоси сохтори таркибии содироти молҳои дар вилояти Суғд истеҳсолшаванда ба тарзи ғайримустақим баррасӣ мекунем (ниг. ба ҷадвали 7).

Чи тавре ки аз ҷадвал бармеояд бо вуҷуди гуногунии солҳои содиротӣ аз вилояти Суғд ва дар он зиёд будани номгӯйи маҳсулоти кишоварзӣ, онҳо дар умум дар содироти вилоят ҳиссаи ночизро ташкил мекунанд. Масалан, ҳиссаи ҳамаи онҳо якҷоя бо пиёз ва чормағз ҳамагӣ ҳамагӣ тақрибан 4,9%–и содиротро ташкил мекунад. Дар ҳиссаи содирот мавқи якумро маҳсулоти маъданӣ, ки ба маблағӣ 371,2 млн. доллар ё 65,34% содир карда шудааст, мавқеи дуюмро бошад, сурма 10,85% ташкил мекунад. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки аз маҳсулоти кишварзӣ нахи пахта ва аз маҳсулоти саноати истихроҷ – маҳсулоти маъданӣ молҳои асосии содиротии вилояти Суғд ба ҳисоб мераванд.

## Ҷадвали 7 – Ҳиссаи содироти мол дар ҳаҷми умумии содирот

*(ҳазор доллар)*

| Номгӯйи молҳо | 2019 | | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳазор доллар | бо % | ҳазор долл. | бо % | ҳазор долл. | бо % | ҳазор долл. | бо % | ҳазор долл. | бо % |
| **Меваи хушк** | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 5246,6 | 1,268 | 6907,3 | 2,333 | 15701,7 | 2,806 | 25385,3 | 2,602 | 18945,2 | 3,335 |
| Зардолуи хушк | 3247,6 | 0,785 | 4625,3 | 1,563 | 9884,8 | 1,766 | 14804,5 | 1,517 | 17524,5 | 3,085 |
| Олуи хушк | 35,3 | 0,009 | 69,8 | 0,024 | 152,9 | 0,027 | 319,7 | 0,033 | 201,6 | 0,035 |
| Ангури хушк | 119,8 | 0,029 | 91,8 | 0,031 | 253,6 | 0,045 | 614,7 | 0,063 | 541,4 | 0,095 |
| Себи хушк | 145,3 | 0,035 | 74,3 | 0,025 | 257,1 | 0,046 | 550,0 | 0,056 | 613,4 | 0,108 |
| Ноки хушк | 4,8 | 0,001 | 3,0 | 0,001 | 32,7 | 0,006 | 49,6 | 0,005 | 64,3 | 0,011 |
| **Меваи тару тоза** | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 933,9 | 0,226 | 1378,8 | 0,466 | 3149,2 | 0,563 | 2621,9 | 0,269 | 2410,3 | 0,424 |
| Зардолу | 753,3 | 0,182 | 778,1 | 0,263 | 305,5 | 0,055 | 742,1 | 0,076 | 1767,5 | 0,311 |
| Гелос ва олуча | 47,9 | 0,012 | 122,9 | 0,042 | 299,7 | 0,054 | 175,8 | 0,018 | 229,8 | 0,040 |
| Ангур | 59,2 | 0,014 | 209,2 | 0,071 | 1670,5 | 0,298 | 929,1 | 0,095 | 285,2 | 0,050 |
| Себ | 0,5 | 0,000 | 11,9 | 0,004 | 49670,9 | 8,875 | 65,4 | 0,007 | 44,2 | 0,008 |
| Олу | 22,6 | 0,005 | 38,7 | 0,013 | 136,4 | 0,024 | 96,6 | 0,010 | 55,2 | 0,010 |
| Шафтолу | 5,1 | 0,001 | 166,2 | 0,056 | 280,5 | 0,050 | 383,6 | 0,039 | 28,4 | 0,005 |
| **Полезиҳо** | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 0,1 | 0,000 | 0,7 | 0,000 | 62,3 | 0,011 | 23,0 | 0,002 | 23,9 | 0,004 |
| Харбуза | 0,1 | 0,000 | 0,7 | 0,000 | 3,6 | 0,001 | 3,8 | 0,000 | 8,6 | 0,002 |
| Тарбуз | – | – | – | – | 58,7 | 0,010 | 19,2 | 0,002 | 15,3 | 0,003 |
| **Дигар намуди мол** | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 407746,8 | 98,5 | 287725,5 | 97,2 | 540753,1 | 96,62 | 947712,2 | 97,1 | 546721,05 | 96,237 |
| Чормағз | – | – | 13,9 | 0,005 | 258,3 | 0,046 | 422,4 | 0,043 | 310,6 | 0,055 |
| Пиёз | 3333,8 | 0,805 | 5171,7 | 1,747 | 4397,7 | 0,786 | 6277,6 | 0,643 | 5867,4 | 1,033 |
| Консерва | 109,4 | 0,026 | 246,7 | 0,083 | 825,3 | 0,147 | 529,3 | 0,054 | 577,4 | 0,102 |
| Нахи пахта | 55015,2 | 13,291 | 57356,7 | 19,376 | 74307,0 | 13,277 | 84442,5 | 8,654 | 81384,5 | 14,326 |
| Калобаи пахтагин | 2535,9 | 0,613 | 4391,7 | 1,484 | 7121,2 | 1,272 | 1932,1 | 0,198 | 10113,5 | 1,780 |
| Маҳсулоти маъданӣ | 292225,3 | 70,598 | 158232,9 | 53,455 | 341560,8 | 61,029 | 729407,8 | 74,754 | 371173,3 | 65,336 |
| Семент | 31482,2 | 7,606 | 29911,9 | 10,105 | 23504,6 | 4,200 | 22347,5 | 2,290 | 15630,3 | 2,751 |
| Сурма | 23045,0 | 5,567 | 32400,0 | 10,945 | 88778,2 | 15,863 | 102353,0 | 10,490 | 61664,05 | 10,854 |
| **Ҳамагӣ** | **413927,4** | **100** | **296012,3** | **100** | **559666** | **100** | **975742** | **100** | **568100,4** | **100** |

*Сарчашма: муаллиф дар асоси маълумотҳои омории Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд тартиб додааст.*

Дар асоси таҳлили мазкур мебоист ба натиҷа расид, ки дар содироти вилояти Суғд қисми асосиро як тараф маҳсулоти кишоварзии мевагӣ ва полезиҳо, аз тарафи дигар молҳои ашёи хоми барои соҳаи саноат ташкил мекунанд. Ба ибораи дигар гӯем, дар истеҳсоли молҳои содиротӣ номутаносибӣ ба назар мерасад, зеро дар маҳсулоти тайёре, ки раванди илмӣ–техникиро муайян месозад, мавҷуд нест. Бинобар ин, минбаъд ба масъалаи афзоиши маҳсулоти тайёри саноатӣ дар сохтори содирот додани сохтори содирот диққати махсус додан лозим аст.

Рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии ҳар як минтақа аз омилҳои зиёд вобастагӣ дорад, ки мустақим ва ғайримустақим ба иқтидори содиротӣ таъсир мерасонанд. Аз ин нуқтаи назар, баррасии омилҳое, ки ба низоми рушди иқтидори содиротӣ таъсир мерасонанд, ба мақсад мувофиқ аст. Дар шароити муосир дар соҳаи иқтисодиёти вилояти Суғд якчанд омилҳо мавҷуданд, ки рушди содиротро боздошта, ба пешравӣ монеа бунёд мекунанд. Ба қатори чунин омилҳо, ба ақидаи мо, омилҳои зеринро ворид намудан мумкин аст: бештари корхонаҳои ватанӣ ҳолати молиявии душвор доранд ва имконияти такмил ва таҷдиди иқтидорҳои истеҳсолӣ надоранд; норасоиҳо дар ташаккул ва рушди низоми логистикии нақлиётӣ (низоми ба талаботи ҷаҳонӣ мутобиқшудаи марказҳои логистикӣ алҳол ташаккул наёфтааст); афзоиши рақобат дар бозори хориҷа; мавҷудияти аз ҳад зиёди монеъаҳои маъмурӣ дар ҷараёни ташкил ва амалишавии фаъолияти содиротӣ; маҳдудиятҳои гумрукӣ дар ҷараёни содирот; рушди нокифояи инфрасохтори нақлиётии содиротӣ, низоми таҳвилии мол ва хизматрасониҳо дар сарҳадҳо ва ғ.; барзиёдатии хароҷоти транзаксионӣ (душвории дастрасӣ ба воситаҳои қарзӣ ва молиявӣ), ки ба вазъи рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ таъсир мерасонанд.

Барои омӯзиши ҳамаҷонибаи таъсири савдои хориҷа ба вазъи некуаҳволии аҳолӣ дар вилояти Суғд, аз модели коррелятсионию регрессионӣ истифода мебарем. Додаҳои оморӣ, ки мундариҷаи нишондиҳандаҳои интизорӣ ва омилиро инъикос мекунанд, дар ҷадвали 8 оварда шудааст.

**Ҷадвали 8 – Нишондиҳандаҳои интизорӣ ва омилӣ барои муайян намудани таъсири савдои хориҷа ба некуаҳволии аҳолии вилояти Суғд**

| Солҳо | ММД ба ҳар сари аҳолӣ, бо доллари ИМА (Y) | Ҳаҷми содирот дар в. Суғд млн. долл. ($X_1$) | Қурби асъори хориҷа (доллар / сомонӣ) ($X_2$) | МММ бо млн. доллар ($X_3$) | Ба истифодадарории фондҳои асосӣ млн. сомонӣ ($X_4$) |
|---|---|---|---|---|---|
| 2000 | 158,0 | 126,2 | 2,077 | 397,4 | 12,59 |
| 2005 | 337,5 | 139 | 3,199 | 551,58 | 86,41 |
| 2010 | 750,4 | 207,8 | 4,4026 | 1298,37 | 430,54 |
| 2015 | 978,5 | 468,0 | 6,1645 | 1952,62 | 1244,3 |
| 2016 | 808,7 | 446,3 | 7,012 | 1977,8 | 1360,5 |
| 2017 | 852,2 | 505,0 | 8,819 | 1985,57 | 1457,6 |
| 2018 | 860,0 | 559,7 | 9,429 | 2087,3 | 1118,6 |
| 2019 | 900,3 | 471,1 | 9,680 | 2121,60 | 804,4 |
| 2020 | 864,4 | 353,8 | 10,960 | 1972,80 | 1093,9 |
| 2021 | 892,6 | 633,1 | 11,300 | 2430,57 | 1028,5 |
| 2022 | 1083,3 | 1086,2 | 10,90 | 2930,2 | 1343,1 |
| 2023 | 1186,7 | 756,7 | 1094,70 | 3215,48 | 1435,1 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [22, 21]*

Дар асоси ҳисобу китоб муодилаи регрессиониро дар шакли зерин навиштан мумкин аст:

$$Y = 123,57 + 0,8731x_1 – 33,403x_2 + 0,7078x_3 + 0,017\ x_4 \qquad (7);$$

Коэффитсиентҳои чандирнокии нишондиҳандаҳои омилиро бо якдигар муқоиса намуда, қайд намудан ҷоиз аст, ки дар шароити муосир тағйироти миқдории натиҷаи интизорӣ, яъне даромад ба ҳар сари аҳолӣ аз ҳама зиёдтар аз тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ вобаста аст, ки хусусияти манфии таъсиррасонӣ дорад, яъне сатҳи ҳассосият манфӣ бошад ҳам, қимати баландро нишон медиҳад.

**Дар боби сеюм** – “Самтҳои баланд бардоштани иқтидори содиротии вилояти Суғд дар шароити муосир” – масъалаҳои такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди корхонаҳои ба содиротнигаронидашуда, равишҳои асосии рушди имкониятҳои содиротии соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд баррасӣ гардидаанд.

Дар шароити муосир дастгирии давлатии таъмини рушди истеҳсолоти маҳсулоти ба содиротнигаронидашуда, дар навбати аввал бо воситаи таҳия ва амалишавии сиёсати саноатӣ, аз ҷумла барномаҳои давлатии махсус оид ба соҳаҳои аниқ амалӣ мегардад. Соҳаи саноати вилояти Суғд ҷузъи муҳими саноати ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, зеро ҳиссаи иқтисодиёти

вилояти Суғд дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар атрофи 50%–ро ташкил мекунад. Масалан, соли 2023 маҳсулоти саноатии вилояти Суғд 55,9%–и маҳсулоти саноати ҷумҳуриро ташкил кардааст. Нишондиҳандаҳои мазкур хеле назаррас ва баланд мебошанд. Ба ибораи дигар қисми боқимондаи маҳсулоти саноатӣ, яъне аз 50% ками ба чор минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ рост меояд. Корхонаҳои саноатии вилояти Суғд аз се як қисми корхонаҳои саноатии ҷумҳуриро ташкил мекунанд, яъне тақрибан 30%–и корхонаҳои ҷумҳурӣ дар вилояти Суғд ҷойгир шудаанд. Ба ин нигоҳ накарда дар ин самт муаммоҳо мавҷуданд. Аз ҷумла, афзоиши иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ дар содироти минтақа саҳми назаррас надорад, зеро содироти маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи ночиз дорад. Дувум, ҳиссаи зиёди молҳои саноатии барои содирот истеҳсол ва пешниҳодшаванда асосан танҳо зинаи аввали коркардро гузаштааст, ки бо арзиши изофаи хеле ночиз дорад. Масалан, маҳсулоти металлургияи сиёҳ, саноати истихроҷ саноати коркард дар бештар ҳолатҳо на танҳо ҳамчун маҳсулоти тайёр, балки ҳамчун маҳсулоти нимтайёр ба бозори хориҷа бароварда мешавад, ки чунин ҳолат, бевосита дар иқтидори нопурраи саноатӣ инъикос мегардад. Севум, он соҳаҳои саноат, ки маҳсулотро бо арзиши изофаи назаррас истеҳсол менамоянд, гуфтан мумкин аст фаъолияти на он қадар самаранок доранд. Ба ибораи дигар сатҳи самаранокии корхонаҳое, ки маҳсулоти тайёрро бо сикли пурра истеҳсол менамоянд, хеле паст аст. Яке аз сабабҳои ин ҳолат ба талаботи рақобатпазирии муосир ҷавобгӯ набудани маҳсулоти истеҳсолшаванда мебошад.

Истифодаи технологияи инноватсионӣ имкон медиҳад, ки дар соҳаи саноат модели ба содиротнигаронидашудаи истеҳсолотро роҳандозӣ намоем. Зеро бо воситаи истифодабарии самаранок техника ва технологияии муосир истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори хориҷӣ имконпазир мегардад. Аз ҳама муҳим истеҳсоли молҳои инноватсионии содиротӣ воридшавии кишварро ба бозори ҷаҳонӣ таъмин менамояд. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мисолҳои истифодаи

самаранок модели ба содиротнигаронидашудаи сиёсати саноатӣ хеле зиёданд. Ба қатори чунин кишварҳо давлатҳои зеринро ворид намудан мумкин аст: Сингапур, Ҷопон, Тайлан, Кореяи Ҷанубӣ, Хитой ва ғ. Дар ин кишварҳо модели ба содиротнигаронидашудаи сиёсати саноатӣ бо муваффақият амалӣ шудааст.

Дар ҷодаи рушди истеҳсолоти ба содиротнигаронидашудаи саноатӣ якчанд муаммоҳо мавҷуданд. Аз ҷумла:

- дар миқёси ҷумҳурӣ маҳдуд будани имкониятҳои содироти молу маҳсулоти анъанавии саноатӣ, зеро бозори ҷаҳонӣ ба чунин молу хизматрасониҳо ниёз надорад;

- бо сабаби шадид будани сатҳи рақобат дар бозорҳои хориҷӣ ва маҳдуд будани имконияти захиравии содиротии давлат ва минтақа ба бозорҳои хориҷа танҳо тавасути истеҳсоли молу маҳсулоти нави аслӣ баромадан мумкин аст. Амалишавии ин ҳадаф истеҳсоли молу маҳсулотро бо технологияҳои нави муосири пешқадам пешбинӣ мекунад;

- аз солҳои пеш анъана шуданӣ, ки дар содироти молҳои саноатӣ ҳиссаи савдои маҳсулоти нимтайёр ва ашёи хом бузург аст. Ҷидду ҷаҳди барҳам додани ин тамоюлот душвориҳо ба миён меорад. Муаммо дар он аст, ки молистеҳсолкунандагони саноатии ватанӣ аз рӯйи анъана содироти молҳои нимтайёрро идома дода истодаанд.

Мусаллам аст, ки солҳои на чандон пеш аксари маҳсулот, аз ҷумла дару тирезаҳои пластикӣ, ғӯлаҳои обгузари пластикӣ, оби газноку афшураҳои гуногун ва ғайраро аз хориҷи кишвар меоваранд. Алҳол бошад ин маҳсулот аз ҷониби ширкатҳои дар қаламрави вилоят фаъолияткунанда истеҳсол мешавад.

Дар тақсимоти байналхалқии меҳнат минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Суғд, асосан бо пешниҳоди ашёи хом, маҳсулоти нимтайёр, маҳсулоти сатҳи технологиаш паст иштирок менамояд, ки ҳамаи ин натиҷаи махсусгардонии истеҳсолот аз давраи қаблӣ мебошад. Дар низоми ягонаи истеҳсолоти давраи шуравӣ саноати баландтехнология асосан дар марказҳои калони саноатӣ ҷойгир буда,

ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз солҳои пеш, маъмулан, дар содироти молҳои саноатӣ асосан ба онҳо ашёи хом пешниҳод мекарданд. Таъсири чунин ҳолат ҳоло ҳам эҳсос карда мешавад. Ҳарчанд баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ ва гузариш ба иқтисодиёти бозор дар низоми хоҷагидории миллӣ дигаргуншавии сохти истеҳсолот ва содирот ба мушоҳида мерасад, алҳол тағйироти куллӣ ба миён наомадааст.

Ҳамзамон, дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Суғд низ дар самти гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ қадамҳои аввалин гузошта мешаванд. Мутассифона, дар бахши воқеии истеҳсолот ҷоришавии технологияи навтарин, истеҳсолоте, ки ба натиҷаҳои корҳои илмӣ тадкиқотӣ ва таҷрибавӣ асос ёфта бошад, ҳамкории илм бо истеҳсолот бо таври бояду шояд ба мушоҳида намерасад. Инро бо гурӯҳбандии сохтори истеҳсолоти саноатӣ аз рӯйи технологияи баланди истеҳсолӣ, ки дар рисолаи диссертасионии олими ватанӣ Эгамқулов М.М. нишон дода шудааст, асоснок намудан мумкин аст. Эгамқулов М.М. чунин қайд менамояд: “Фаъолнокии инноватсионӣ дар бахши соҳибкории иқтисодиёти вилояти Суғди Тоҷикистон хусусияти ноустувор дорад. Ин раванд дар иқтисодиёти минтақа дар марҳилаи ташаккул қарор дорад ва васеъ паҳн нашудааст. Ин ҳолат сабабҳои зиёд дорад. Набудани соҳаҳои баландтехнологияи саноат он ҷумлаи онҳост. Аксарияти сохторҳои соҳибкорӣ дар вилояти Суғд асосан дар соҳаҳои пасттехнологияи саноат, аз ҷумла дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо, бофандагӣ, маҳсулоти чармӣ ва пайафзор амал мекунанд” [42] (ниг. ба ҷадвали 9.).

**Ҷадвали 9 – Сохтори соҳаҳои саноат тибқи ҳаҷми барориши маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд (бо %)**

| Сохтори соҳаҳои саноат | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Солҳо** | **2015** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
| Соҳаҳои паст технологияи саноат | 76 | 78,4 | 74,3 | 67,7 | 64,8 | 68,9 | 70,1 | 62,5 |
| Соҳаҳои миёна технологияи саноат | 22,2 | 20,5 | 24,9 | 31,8 | 34,8 | 30,6 | 30,4 | 24,4 |
| Сатҳи баланди соҳаҳои миёнатехнологии саноат | 1,9 | 1 | 1,1 | 0,5 | 0,4 | 0,5 | 0,4 | 0,7 |
| Соҳаҳои баланд технологии саноат | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар умум | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои [21]*

Аз ҷадвали болозикр бармеояд, ки дар сохтори саноати вилоят ҳиссаи соҳаҳои пасттехнологӣ бештар аст. Ба ин соҳаҳо асосан инҳо ворид мегарданд: саноати истихроҷи маводи энергетикӣ ва ғайриэнергетикӣ; саноати истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку; саноати бофандагӣ ва дӯзандагӣ; саноати истеҳсоли чарм, маҳсулоти чармӣ ва истеҳсоли пойафзол; саноати коркарди чӯбу тахта ва маҳсулоти чӯбӣ; саноати селлюлозаю қоғаз фаъолияти ноширӣ ва полиграфӣ; саноати истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ, об ва ғайра. Аз ҷадвал мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ҳудуди вилояти Суғд корхонаҳои саноатие, ки бо технологияҳои баланд кору фаъолият, доранд умуман мавҷуд нестанд. Ба ин гурӯҳи саноат, чи тавре ки маълум аст, саноати авиакайҳонӣ, истеҳсоли компютер, таҷҳизоти радиоӣ ва телекоммуникатсионӣ, роботсозӣ, саноати мудофиа, нанотехнология ва дигар соҳаҳои илмталаб ворид мебошанд, ки ин фаъолиятҳо минбаъд метавонанд соҳаҳои асосии содиротӣ бошанд, зеро соҳаҳои саноате, ки ба технологияи паст асос ёфтаанд, асосан ба қонеъ намудани бозори дохилӣ равона карда шудааст. Бо чунин маҳсулоти саноатӣ дар бозори ҷаҳонӣ истеҳсолкунандагони ватанӣ ба рақобат тоб оварда наметавонанд, аммо кишварҳои ҳориҷӣ бошанд дар соҳаҳои номбурда ба натиҷаҳои баланди илмӣ ва амалӣ расидаанд.

Илова бар он дар шароити муосир сохтори содирот дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, алалхусус, дар вилояти Суғд низ хусусияти ҳаммонандӣ дорад. Бо ибораи дигар гӯем, сохтори содирот номгӯи молҳои нисбатан маҳдудро дар бар мегирад. Масалан, содироти нахи пахта, хушкмева ва дар давраи мавсимӣ баъзе намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ (сабзавот ва меваҷот). Умуман, содирот ҳам дар минтақаҳо ва ҳам дар ҷумҳурӣ таъиноти ашёӣ дорад ва ҳамин тамоюлот нигоҳ дошта шуда, ҳоло ҳам идома мекунад.

Дар оянда яке аз самтҳои асосии баланд бардоштани иқтидори содиротии минтақаҳои ҷумҳурӣ рушди истеҳсолот дар соҳаи саноати сабук ва бофандагӣ, коркарди садфоизаи нахи пахта дар дохили ҷумҳурӣ

мебошад. Солҳои охир дар ҳалли ин маъсала низ пешравии муайян эҳсос мегардад. Дар вилоят соле ба андозаи 110–112 ҳазор тонна пахта ҳамчун ашёи хом, ҳамзамон 40 – 42 тонна нахи пахта истеҳсол карда мешавад. Масалан агар дар соли 1991 корхонаҳои вилоят ҳамагӣ 6 – 7 ҳазор тонна нахи пахтаро коркард карда бошанд, соли 2023 ин нишондиҳанда 2 – 3 ҳазор тоннаро ташкил кардааст, ки хело кам аст [21]. Дар стратегияи рушди иқтисодӣ дар назар дошта шудааст, ки солҳои наздик бояд ба коркарди садфоизаи нахи пахта муяссар гардем.

Мавриди истифода қарор гирифтани корхонаҳои калони ресандагӣ дар ноҳияҳои Мастчоҳу Спитамен, Зафаробод ва шаҳри Хуҷанд имконият фароҳам овард, ки дар дохили кишвар коркарди саноатии нахи пахта афзоиш дода шавад.

Бо вуҷуди он, ки солҳои охир дар сохтори содироти ватанӣ баъзе ҷиҳатҳои мусбат ба мушоҳида мерасад, вазъи он такмилталаб аст. Дар ин самт, яке аз равияи асосӣ диверсификатсияи содирот мебошад, ки бояд дар асоси сатҳи баланди коркарди саноатӣ амалӣ карда шавад. Сатҳи баланди коркарди саноатӣ маънои ба содирот пешниҳод намудани молҳои тайёр ва истифодаи технологияи навро дорад.

Хулоса ба соҳаҳое, ки дар содироти минтақа бештар бо ашёи хом иштирок мекунанд, сармоягузориҳои назаррас равона сохтан лозим аст, то ки бар ивази ашёи хом маҳсулоти тайёри ҷавобгӯй ба талаботи бозори ҷаҳонӣ пешниҳод кунанд.

Умуман, муваффаққият дар амалӣ намудани иқтидори содиротӣ ба туфайли ба инобат гирифтани ҳамаи самтҳои мазкур, ки ба истеҳсоли молҳои рақобатнок равона гардидааст, таъмин мегардад. Аз ин лиҳоз, дар коркарди сиёсати сохторӣ дар минтақаҳо (сиёсати саноатӣ, кишоварзӣ ва ғайра) таҳия намудани барномаи махсуси ҷумҳуриявӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ба содиротнигаронидашуда дар соҳаҳои хоҷагии халқ хеле муҳим аст. Барои расидан ба ин ҳадаф тадбирҳои зериниро, ки ба рушди иқтидори содиротии минтақа мусоҳидат мекунанд, амалӣ гардонидан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Тайёр намудани барномаи махсус оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти саноатии ватанӣ дар асоси ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси соҳавии истеҳсоли молҳои саноатӣ;

2. Таъмин ва мустаҳкам намудани иқтидори кадрии корхонаҳои саноатӣ бо мутахассисони баланди касбӣ, ки қобилияти инноватсионӣ ва созандаи фикронӣ, тавоноии бо технологияҳои муосир кор кардан доранд, зеро ин қобилияту тавоноӣ яке аз заминаҳои асосии истеҳсоли маҳсулоти саноати рақобатпазир мебошад;

3. Барқарор намудан ва рушди ҳамкории корхонаҳои ватанӣ бо корхонаҳои Федератсияи Русия, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳои ИДМ, давлатҳои хориҷа дар самти афзоиши муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ;

4. Фароҳам овардани шароити мусоид барои содироти маҳсулоти истеҳсолкардаи саноати коркард, ки ба бозори хориҷа маҳсулоти тайёр пешниҳод мекунад;

5. Ташкил ва афзоиш додани истеҳсоли молҳои нави саноатӣ бо сатҳи баланди рақобатпазирӣ дар он соҳаҳои саноат, ки нисбати дигар минтақаҳо афзалияти рақобатӣ дорад;

6. Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, таҳияи санадҳои нав барои таъмин намудани шароитҳои беҳтарини фаъолияти корхонаҳое, ки маҳсулоти рақобатпазирро истеҳсол мекунанд ва дар бозорҳои хориҷа нуфузи худро пайдо намудаанд;

7. Таъсис кардани шурои ҳамкории байни мақомот дар минтақаҳо оид ба масъалаҳои таъмини баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо ва афзоиш додани ҷабҳаҳои афзалияти рақобатии онҳо;

8. Таҳияи механизми ташкилии иқтисодӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ баҳри афзоиши иқтидори содиротии минтақа;

9. Ҷорӣ намудани методҳои нави идоракунӣ, ташаккули сохторҳо оид ба татбиқ технологияҳои муосир, аз худ намудани лоиҳаҳои илмии

конструкторӣ, илмӣ–техникӣ, ки барои истеҳсоли маҳсулоти нав равона карда шудаанд.

Умуман, соҳаи саноат дар вилояти Суғд дорои сатҳи муайяни иқтидори инноватсионӣ барои рушди содирот мебошад, ки минбаъд метавонад ба ядрои истеҳсоли молҳои инноватсионӣ табдил ёбад.

Бинобар ин, дар миқёси ҳар як минтақа таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои махсуси дастгирии истеҳсолоти инноватсионӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Дар доираи барномаҳои мазкур амалигардонии чораҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

- мутамарказонидани захираҳои илмӣ–техникӣ ва молиявӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои афзалиятноки инноватсионӣ дар қаламрави минтақа;

- мусоидат намудан ба ҳамгироии илм, маориф ва саноат дар шаклҳои нави ташкилӣ ва иқтисодӣ (сохтани технополисҳо, марказҳои илмӣ, технопаркҳо ва шуроҳои илмӣ);

- истифоди лизинги байналхалқии технологӣ, тавассути ташкили корхонаҳои муштарак, таъсиси минтақаҳои истеҳсоли молҳои инноватсионии ба содиротнигаронидашуда;

- ташкил намудани суғуртаи давлатӣ ва ғайридавлатии истеҳсоли молу маҳсулоти бо содиротнигаронидашуда;

- пешниҳоди кафолати давлатӣ барои истеҳсолкунандагони молҳои содиротӣ бо мақсади дастрасии қарзҳои содиротӣ, яъне қарзҳое, ки барои ташкили фаъолияти содиротӣ заруранд;

Чунин ҳадафҳо бояд дар ташаккули барномаҳои минтақавии содироти молҳои инноватсионӣ ба инобат гирифта шуда, мундариҷаи асосии сиёсати минтақаро дар самти рушди муносибатҳои иқтисодии берунӣ инъикос намоянд. Амалӣ гардидани ҳадафҳои мазкур, иқтидори содиротии минтақаро мустаҳкам мегардонад.

# ХУЛОСА

## 1) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатия

1. Рушди иқтидори саноатӣ аҳаммияти баланди иҷтимоӣ–иқтисодии зеринро дорад: иштироки давлат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат (ТБМ), васеъ намудани афзалиятҳои рақобатии он, дастрасии рушди устувори иқтисодӣ, тараққиёти соҳаҳои хоҷагии халқ дар шароити муосир. Аз ин лиҳоз, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи иқтидори содиротии ҳар як минтақа ва давлатро чун ҳадафи асосии старатегияи давлат қабул намудан бо мақсад мувофиқ мебошад. Дар шароити имрӯза, ки ҷараёни ҷаҳонишавӣ тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро дар сайёри шадид мегардонад, барои ҳар як минтақа, давлати соҳибистиқлол ташаккули муносибатҳои иқтисодии хориҷии мусоид ва ба ин восита таъмин намудани амнияти иқтисодӣ аҳаммияти махсус дорад [1–М; 8–М; 14–М].

2. Рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ бо мафҳумҳои “иқтидори содиротӣ”, “иқтидори иқтисодӣ” алоқамандии зич доранд. Бинобар ин омӯзиши иқтидори содиротӣ яке аз муаммоҳои мубрами ҳар як минтақаи алоҳида мебошад. Лозим ба таъкид аст, ки байни олимон оид ба мафҳумҳои мазкур иттифоқи ороъ мушоҳида намешавад. Содирот дорои хусусиятҳои вижаи зерин мебошад, ки онҳо бояд ҳатман ба инобат гирифта шаванд: ҷараёни содиротӣ ҳам бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохила (кишвари содиротӣ) ва ҳам бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии хориҷӣ (кишвари воридотӣ) танзим карда мешавад; ҳангоми дар амал татбиқ намудани амалиёти содиротӣ ҳар гуна монеаҳо, маҳдудиятҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ пайдо мегарданд [2–М; 3–М; 10–М].

3. Ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ аз рӯйи иқтидори содиротии худ аз ҳамдигар куллан фарқ мекунанд, зеро ҳар як минтақа бо шароитҳои табиӣ, иқтисодӣ, захиравӣ, демографӣ, иқлимӣ аз ҳамдигар тавофут дорад. Бинобар ин, дар самти идоракунии содиротӣ дар минтақаҳо, назорат аз рӯйи дараҷаи рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ минтақаҳо, идоракунии иқтидори содиротии онҳо, бояд дар чорчӯбаи ҷалб ва ҷобаҷогузории

сармоягузориҳои давлатию маҳаллии хориҷӣ ба инобат гирифта шавад [1–М; 8–М; 9–М].

4. Дар илми иқтисодиёт баҳри арзёбӣ намудани иқтидори содиротӣ равишҳои методии гуногун мавҷуд буда, асосан нишондиҳандаҳои зеринро ба инобат гирифтан мувофиқи мақсад аст: гунҷоиши содиротӣ (ҳаҷми содирот ба ММД), воридотгунҷоиш (ҳаҷми воридот ба ММД), чандирнокии содирот аз рӯйи ММД, чандирнокии воридот аз рӯйи ММД, шоҳиси савдо, коэффитсиенти махсусгардонии мол, коэффитсиенти махсусгардонии ҷуғрофӣ, сатҳи баромадан ба бозори хориҷӣ, сатҳи ба содиротнигаронидашавии ҳар як фаъолияти иқтисодӣ, сатҳи ба воридот вобастагии мол ва маҳсулот, сатҳи даромаднокии молҳои содиротӣ, коэффитсиенти мувозинатии савдои хориҷӣ [3–М; 9–М; 11–М].

5. Таҷрибаи давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки ҳавасмандии содиротӣ бо ду роҳ амалӣ карда мешавад: 1) ташаккули муҳити мусоиди макроиқтисодӣ, 2) ташаккул додани ҳавасмандии истеҳсолкунандагон ва содир кунандагон ба афзоиши амалиёти содиротӣ. Имтиёзҳои давлатӣ, минтақавӣ ва дигар намудҳои имтиёзҳо барои ташкили истеҳсолот ва ба бозори ҷаҳонӣ пешниҳод намудани молҳои алоҳидаи интихобкардашуда, таҷрибаи Кореяи ҷанубӣ, Малайзия, Сингапур, Бразилия, Тайланд. Аз ҷониби давлат ё ин ки аз институтҳои хусусӣ барои содир намудани молҳои муайян ба корхонаҳои содироткунанда пешниҳод намудани субсидияҳои содиротӣ, имтиёзҳои молиявӣ (ИМА, Русия, Иттиҳоди Аврупо) [2–М; 12–М].

6. Тағйирёбии гардиши савдои хориҷӣ дар вилояти Суғд хусусияти ноустувор дорад, яъне дар солҳои муайян нисбат ба солҳои қаблӣ ҳам тамоюлоти зиёдшавӣ ва ҳам коҳишёбӣ мушоҳида мешавад. Дар сохтори савдои хориҷӣ ҳиссаи содирот хеле кам аст, ҳол он ки воридоти мол ва хизматрасониҳо хусусияти доминантӣ дорад. Ба ибораи дигар алҳол низ дар вилоят вобастагии иқтисодиёт аз воридот мушоҳида карда мешавад. Яке аз ҷанбаҳои манфии вазъи мазкур дар он аст, ки дар таъмини муътадилии нарх танзими он, яъне қонеъ намудани талаботи дохилӣ,

молистеҳсолкунандагони ватанӣ фишанги мутақобил надоранд [2–М; 8–М; 13–М].

7. Шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд иқтидори содиротии худро пурра истифода нанамудаанд. Ин ҳолат сабабҳои гуногун дорад. Аз ҷумла норасоии сармоягузорӣ, мавҷуд набудани лоиҳаҳои сармоягузории содиротӣ; норосии мутахассисон; ташкил накардан ва нагузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ оид ба дарёфи бозорҳои нави хориҷӣ ва тавсеаи қаламрави пешниҳоди мол ва хизмтрасонии дар хориҷа; сатҳи нокифояи рақобатпазирии мол ва хизматрасониҳои ватанӣ, ки ба ҷараёни содирот таъсири манфӣ мерасонад. Ҳоло вилояти Суғд иқтидори содиротии худро дар сатҳи интизорӣ истифода набурдааст [3–М; 14–М].

8. Дуруст ба роҳ мондани таҳқиқоти маркетингӣ, ба амал овардани истеҳсоли молу хизматрасониҳои ҷавобгӯ ба талаботи истеъмолкунандагон метавонад коэффитсиенти содироти софро дар савдои хориҷӣ мусбат гардонанд. Нишондиҳандаи содироти соф дар вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳо баланд аст ва ба коэффитсиенти иқтидори маркетингии минтақа таъсири бевосита дорад [1–М; 15–М].

9. Рушд ва васеъ паҳн гаштани иқтидори содиротӣ дар ҳар як минтақа имконпазир буда, аз рақобатпазирии мол ва маҳсулот дар бозорҳои хориҷа вобаста аст. Қисми асосии содироти молҳоро аз вилояти Суғд, аз як тараф, маҳсулоти кишоварзии мевагиҳо, полезиҳо ташкил диҳанд, аз тарафи дигар, асосан ашёи хом барои соҳаи саноат ташкил медиҳад, ки ин хеле номутаносибӣ, ақибмонӣ дар истеҳсоли молҳои содиротӣ мебошад, зеро маҳсулоти тайёре, ки раванди илмӣ–техникиро муайян месозад дар содироти молҳо мавчуд нест. Бинобар ин, минбаъд дар сохтори содирот бояд ба  афзоиш додани маҳсулоти тайёри саноатӣ диққати ҷиддӣ дода шавад [2–М; 16–М].

10. Дар шароити муосир дар соҳаи иқтисодиёти вилояти Суғд якчанд омилҳои зерин рушди содиротро бозмедоранд: аксари корхонаҳои ватанӣ ҳолати молиявии душвор доранд, яъне имконияти такмил ва таҷдиди иқтидорҳои истеҳсолиро надоранд; мавҷудияти норасоиҳо дар ташаккул ва

рущди низоми логистикии нақлиётӣ; афзоиши рақобат дар бозори хориҷа; аз ҳад зиёд будани монеаҳои маъмурӣ дар ҷараёни фаъолияти содиротӣ; маҳдудиятҳои гумрукӣ дар ҷараёни содирот; барзиёдии хароҷоти транзаксионӣ, ки ба рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ таъсири манфӣ мерасонанд [1–М; 14–М].

11. Иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ дар фаъолияти содиротии минтақа саҳми назаррас надоранд. Сабабҳо: содироти маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи хурд дорад; барои хориҷа истеҳсол ва пешниҳоди молҳои саноатӣ асосан танҳо зинаи аввали коркардро гузаштааст, ки он маҳсулот бо арзиши изофаи хеле ночиз мебошад (масалан, маҳсулоти металлургияи сиёҳ, маҳсулоти саноати истихроҷ, саноати коркард); сатҳи самаранокии корхонаҳое, ки маҳсулоти тайёрро бо сикли пурра истеҳсол менамоянд хеле кам аст, маҳсулоти истеҳсолкунандаи онҳо ба рақобати хориҷӣ тоб оварда наметавонад [1–М; 12–М; 15–М].

**2) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Дар сиёсати ҳавасмангардонии ҷараёни содиротӣ дар ҳар як минтақа амалишавии самтҳои зерин хеле муҳим аст:

- имтиёзҳои назарраси пардохтҳои гумрукӣ барои воридоти техника ва технологияҳои баланди саноатӣ, ки дар иқтисодиёти миллӣ истеҳсол намегарданд;

- ҷорӣ намудани қарзҳои имтиёзнок барои содиркунандагони молҳои саноатӣ ба хориҷа;

- аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ташкил намудани ярмаркаҳо, намоишгоҳҳои молҳои саноатии корхонаҳои ватанӣ дар кишварҳои хориҷа;

- коркарди сиёсати минтақавии маркетингӣ, барои ташкили истеҳсолоти ба содиротнигаронидашуда;

- додани кафолат барои ҷалби қарзҳо аз бонкҳои тиҷоратӣ ба он ташкилоту корхонаҳо ва молҳое, ки самараи баланди содиротӣ медиҳанд;

- ҷорӣ намудани суғуртакунии амалиёти содиротӣ аз хавфҳои гуногуни тиҷоратӣ;

- дастгириҳои давлатии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ҷиҳати азхудкунии технологияҳои нав.

2. Коркарди механизмҳои мусоидаткунандаи пешниҳоди мол ба бозорҳои хориҷа:

- густариш додани ҳамкориҳо бо намояндагони соҳаи савдои минтақаҳои хориҷа ва таъмини нақлиётии молҳои содиротӣ;

- такмили низоми ярмаркаю намоишгоҳҳои фаъолияти корхонаҳои минтақа дар хориҷа ва таъминнокӣ бо иттилоот;

- мусоидати давлатӣ барои афзоиши имкониятҳои содиротӣ бо воситаи кафолати давлатӣ.

3. Барои рушди иқтидори содиротии минтақа амалишавии равишҳои асосии зерин ба мақсад мувофиқ аст:

- таҳияи барномаи махсус оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти саноатии ватанӣ;

- таъмин намудани корхонаҳои саноатӣ бо мутахассисони баландихтисос, ки қобилияти инноватсионии созондаи фикронӣ ва тавоноии кор кардан бо технологияҳои муосирро доранд;

- барқарор кардан ва инкишоф додани ҳамкории корхонаҳои ватанӣ бо корхонаҳои давлатҳои ИДМ, Иттиҳоди Аврупо, Чин дар самти афзоиши муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ;

- ташкил кардани шурои ҳамкории байни мақомоти давлатии идоракунӣ ва корхонаҳо дар минтақаҳо оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо.

4. Такмили ҷараёни пешниҳоди молҳои ватанӣ ба бозорҳои хориҷа аз ҷониби мақомоти давлатии ваколатдор (Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагии он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ) дар самтҳои зерин:

- дар сатҳи давлатӣ коркарди стратегияи фаъолияти ярмаркаи намоишӣ бо нишон додани сарчашмаҳои дастгирии молиявии онҳо;

- таъмин намудани иштироки корхонаҳои ватанӣ дар намоишгоҳҳои бузурги байналхалқӣ;

- таҳия ва ташкили барномаҳои телевизионӣ, телекоммуникатсионӣ дар сатҳи байналхалқӣ барои тарғиби маҳсулоти содиротии;

- ташаккул додани фонди дастгирии корхонаҳои саноатии содиротнигаронидашуда бо воситаи ҳиссаҷудокунии молиявӣ аз сарчашмаҳои ғайрибуҷавӣ ва буҷавӣ.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ
**(бо забони аслӣ):**

***А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд (бо забони аслӣ):***

[1–М]. Маъруфов Ф.К. Некоторые аспекты формирования таможенной политики Республики Таджикистан в регулировании внешнеторговых отношений [Текст] / Ф.К. Маъруфов // Вестник ТГУПБП. – Худжанд, 2019. – №3 (80). – С.88–96.

[2–М]. Маъруфов Ф.К. Стратегия развития экспортного потенциала регионов [Текст] / Ф.К. Маъруфов, Н.Ю. Блиничкина // Вестник Самарского государственного экономического университета. – Самара, 2022. – № 9 (215). – С. 27–36.

[3–М]. Маъруфов Ф.К. Арзёбии иқтидори содиротии вилояти Суғд: муаммоҳо ва тамоюли рушд [Матн] / Ф.К. Маъруфов // Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2023. – № 4. – С. 71–82.

[4–М] Маъруфов Ф.К. Асосҳои методологии таттқиқоти иқтидори содиротии минтақа дар илми муосир [Матн] / Ф.К. Маъруфов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2022. – № 10. – С. 81–87.

**Б) *Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илм¯–амал¯ чоп шудаанд:***

[1–М]. Маъруфов Ф.К. Некоторые аспекты формирования таможенной политики Республики Таджикистан в регулировании внешнеторговых отношений [Текст] / Ф.К. Маъруфов // Вестник ТГУПБП. – Худжанд, 2019. – №3 (80). – С.88–96.

[2–М]. Блиничкина Н.Ю., Маъруфов Ф.К. Стратегия развития экспортного потенциала регионов [Текст] / Н.Ю. Блиничкина, Ф.К. Маъруфов // Вестник Самарского государственного экономического университета. – Самара, 2022. – № 9 (215). – С. 27–36.

[3–М]. Маъруфов Ф.К. Арзёбии иқтидори содиротии вилояти Суғд: муаммоҳо ва тамоюли рушд [Матн] / Ф.К. Маъруфов // Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2023. – № 4. – С. 71–82.

[4–М] Маъруфов Ф.К. Асосҳои методологии таткиқоти иқтидори содиротии минтақа дар илми муосир [Матн] / Ф.К. Маъруфов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2022. – № 10. – С. 81–87.

***Б) Статьи, опубликованные в сборниках и других научных изданиях.***

[5–М]. Маъруфов Ф.К Омилҳои ташаккули робитаҳои байнидавлатии гумрукӣ бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил. [Матн] / Ф.К. Маъруфов // Маводҳои конференсияи илмӣ–амлии байналхалқӣ дар мавзуи «Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: муаммо ва роҳҳои инкишоф». – Хуҷанд, 2016. – С. 256–263.

[6–М]. Маъруфов Ф.К. Нақши воридотивазкунӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ / Ф.К. Маъруфов // Маводҳои конференсияи илмӣ–амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ таҳти унвони "Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои миллӣ", бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", истиқболи 30–солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик. – Хуҷанд: Дабир, 2020. – С. 168–154.

[7–М]. Маъруфов Ф.К. Хусусиятҳои афзоиши воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.К. Маъруфов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалии ДДҲБСТ "Такмили қонунгузории зиддикоррупсионӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд" (4–5 феврали соли 2020). – Хуҷанд: Дабир, 2020. – С. 252–256.

[8–М]. Маъруфов Ф.К. Сиёсати савдои хориҷӣ ҳамчун омили таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.К. Маъруфов // Маводҳои конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ "Нақши мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амният ва рушди иқтисодӣ" (31–уми марти соли 2020). – Душанбе: ДДМИТ, 2020. – С.85–89.

[9–М]. Маъруфов Ф.К. Воридотивазкунӣ ҳамчун омили рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.К. Маъруфов / Маводҳои конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Нақши мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амният ва рушди иқтисодӣ": (31–уми марти соли 2020). – Душанбе: ДДМИТ, 2020. – С.90–94.

[10–М]. Маъруфов Ф.К. Самтҳои такомули воридотивазкунӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Ф.К. Маъруфов // Маводи онлайн видеоконференсияи илмию амалии байналхалқӣ таҳти унвони “Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар” – Кӯлоб: ДТМИ, 2020. – С.66-74.

[11–М]. Маъруфов Ф.К. Хусусиятҳои афзоиши воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.К. Маъруфов / Маводҳои конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 2020). – С. 156–162.

[12–М]. Маъруфов Ф.К. Становление политики Республики Таджикистан в области международной торговли. [Текст] / Материалы международной научно–практической конференции. Перекоп – ворота в Крым. Федеральное государственное автономное образовательное учреждение высшего образования «Крымский федеральный университет им. В.И. Вернадского» Институт педагогического образования и менеджмента (филиал) в г. Армянск, 2021. – С. 52–60.

[13–М]. Маъруфов Ф.К. Роҳҳои такмили иқтидори содиротӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.К. Маъруфов: // Маводҳои Форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ ДДҲБСТ дар мавзуи “Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ”. – Хуҷанд: Дабир, 2021. – С.321–325.

[14–М]. Маъруфов Ф.К. Хусусиятҳои асосии рушди иқтидори содиротии минтақа [Матн] / Ф.К. Маъруфов // Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маводи

Конференсияи илмӣ–амалӣ (ш. Душанбе: 22–23 апрели соли 2022). – Душанбе: АИДНПҶТ, 2022. – С. 75–84.

[15–М]. Маъруфов Ф.К. Теоретические основы–методология исследования экспортного потенциала региона в современных условиях. [Текст] / Ф.К. Маъруфов // Международная научная конференция “Актуальные научные исследования в современном мире” Переяслав – Украина, 2022. –С.123–129.

[16–М]. Маъруфов Ф.К. Сиёсати воридотивазкунӣ – заминаи такмили соҳаи содиротмеҳвар [Матн] / Ф.К. Маъруфов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ таҳти унвони “Ҷанбаҳои молиявию иқтисодии тараққиёти сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Хуҷанд, ДДҲБСТ – 2023.– С. 271–276.

**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ПРАВА, БИЗНЕСА И ПОЛИТИКИ**

ТДУ 339.5 *На правах рукописи*

**МАЪРУФОВ ФИРДАВСДЖОН КАРИМОВИЧ**

# РАСШИРЕНИЕ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание учёной степени
кандидата экономических наук
по специальности
5.2.4. – Территориальная экономика

**Худжанд – 2026**

Диссертация выполнена на кафедре экономики предприятий и регионов Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

**Научный руководитель:** **Ризозода Тура Раббим** – доктор экономических наук, профессор, проректор по международным связам Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики

**Официальные оппоненты:** **Кодирзода Фарход Анвар,** доктор экономических наук, профессор кафедры мировой экономики факультета финансов и экономики Таджикского национального университета

**Рахматов Абдумавлон Ахмадович,** кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления Таджикского горно-металлургического института

**Ведущяя организация:** Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана.

Защита диссертации состоится «14» марта 2026 года, в 09:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА–013 при Таджикском государственном университете права, бизнеса и политики. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, мкр. 17, дом 1, учебное здание №5, e–mail: ds.tsulbp@mail.ru**,** телефон учёного секретаря: (+992) 92 858 22 12.

С диссертацией и авторефератом можно ознакомиться в научной библиотеке Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики и на сайте: http://ds.tsulbp.tj.

Автореферат разослан «_____» ________________ 2026 года.

**Учёный секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат экономических наук, доцент** **Саиджонов С.Ш.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В современных условиях каждое государство находится под воздействием процессов глобализации и без взаимных связей не имеет возможности обеспечить устойчивое развитие. В то же время отдельные административно–территориальные единицы государств, то есть их регионы, связаны с зарубежными странами множеством политических, экономических, социальных, торговых, финансовых и миграционных отношений, образуя тесную взаимозависимость. Поэтому исследование проблемы организации и развития внешнеэкономических связей регионов приобретает особую значимость и высокий уровень актуальности.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон неоднократно подчеркивал важность развития производства, ориентированного на экспорт. В Послании 2018 года он отметил: «…неконкурентоспособность и высокая себестоимость продукции отдельных предприятий, несовершенство механизмов защиты интересов экспортеров за рубежом до сих пор не способствуют обеспечению диверсификации производства и экспорта. ...Министерства иностранных дел, экономического развития и торговли, Агентство по экспорту, а также председатели областей, городов и районов должны активизировать деятельность по продвижению отечественной продукции, поиску экспортных рынков, производственно–торговых партнёров и защите интересов отечественных предпринимателей за рубежом» [1, с. 9].

Эти слова главы государства, Лидера нации и сегодня сохраняют актуальность и практическую значимость. Республика Таджикистан и её отдельные регионы, являясь неотъемлемой частью мирового сообщества, объективно находятся под воздействием глобализационных процессов. С момента обретения независимости страна проводит политику открытых дверей, совершенствуя внешнеэкономическую деятельность и активно участвуя в международном разделении труда. Однако Таджикистан

относится к числу стран, где объём импорта значительно превышает объём экспорта, а платёжный баланс имеет отрицательное сальдо. В связи с этим необходима разработка научно обоснованных практических подходов к решению данной проблемы.

Следует отметить, что все регионы республики в значительной степени зависят от импорта, но их экономические особенности различаются по отраслевой структуре, географическому положению, уровню развития, степени интеграции в глобализационные процессы, состоянию внешней торговли, а также по соотношению импорта и экспорта. Несмотря на то, что Согдийская область является промышленным регионом, в структуре её экспорта преобладают сельскохозяйственная продукция и промышленное сырьё. Очевидно, что в последнее десятилетие наблюдаются значительные успехи в сфере благоустройства и развития всех территорий страны, включая Согдийскую область, что сопровождается ростом объёмов экспорта. Однако, несмотря на достигнутые результаты, сохраняется ряд проблем, сдерживающих эффективное использование экспортного потенциала региона.

К числу основных проблем относятся:

- отсутствие научно обоснованного системного подхода к формированию внешнеэкономической деятельности региона, при котором большинство экспортных операций направлено на удовлетворение краткосрочных потребностей зарубежных потребителей;

- отсутствие анализа и неразработанность стратегии использования экспортного потенциала городов и районов Согдийской области, в особенности механизмов его развития;

- недостаточная доля высокотехнологичной и инновационной продукции в структуре экспортируемых товаров.

Обеспечение развития и национальной экономики в целом, и отдельных её регионов республики во многом зависит от уровня использования их экспортных возможностей. Рост экспорта способствует укреплению золотовалютных резервов страны, повышению

конкурентоспособности отечественного производства и расширению занятости населения. Увеличение объёма и ассортимента экспортной продукции позволяет регионам участвовать в мировом рынке не только как поставщикам сырья и природных ресурсов, но и как экспортёрам готовой продукции с высокой добавленной стоимостью. В целом повышение экспортного потенциала регионов является важным условием улучшения благосостояния населения и обеспечения конкурентоспособности региональной экономики, что делает постановку данной проблемы особенно актуальной и своевременной.

**Степень научной разработанности темы.** Теоретические основы экспортных отношений, понятие “экспортный потенциал государства и регионов”, а также концептуальные основы экспортной политики нашли отражение в трудах зарубежных учёных А. Смита, [32], Э. Хекшера [38], Б. Олина [20] и Д. Сакса [28].

После распада Советского Союза исследователи стран постсоветского пространства стали уделялть всё больше внимания оценке экспортного потенциала регионов, научным подходам и методикам его анализа. В данном направлении следует отметить работы российских экономистов В.М. Капицина [31], М.Э. Сейфуллаевой [30], В.В. Кирсанова [15], Д.Ю. Ивановского [14], И.И. Савелева [27], Л.И. Абалкина [2], Е.К. Самсоновой [29], О.А. Фёдоровой [43], С.Ю. Перунова [23], Б.О. Мосейко [17], Ю.Н. Азминой [17], М.Э. Буяновой [5] и других исследователей.

В годы независимости отечественные учёные также уделяли особое внимание проблеме внешнеэкономических отношений в сфере экспорта. Теоретические и методологические аспекты организации внешнеэкономической деятельности и экспортного потенциала нашли отражение в трудах отечественных учёных, в том числе академиков Национальной академии наук Таджикистана Т.Н. Назарова [19], Р. Рахимова [24], Н. Каюмова [24], члена–корреспондента НАНТ Л.Х. Саидмуродова [33], профессоров Х.У. Умарова [35], А.А. Урунова [36], Т.Р. Ризозода [25], А.М. Рахимова [26] и других.

Пути повышения экспортного потенциала ведущих отраслей народного хозяйства регионов исследованы в научных трудах отечественных учёных М.М. Шарифзода [40], А.Г. Гозибекова [11], Д.Д. Бободжанова [7], А.А. Бойматова [6], Д.А. Алилжанова [3], М.О. Бобокалонова [8], Б.Г. Сафарова [34], Д.Г. Аминова [4] и других.

Вопросы внешнеэкономической деятельности, включая экспортный потенциал предприятий, с точки зрения микроэкономической теории изучались отечественными экономистами Х.Х. Хошимзода [41], С.Д. Комиловым [16], М.М. Исмоиловым [13], М.К. Файзулловым [37] и другими.

Но, несмотря на имеющиеся исследования, проблема оценки научно–практических основ экспортного потенциала регионов, а также изменений, произошедших в данной сфере в последние годы, до сих пор не получила достаточного отражения в трудах отечественных учёных. Именно это обстоятельство определяет актуальность и значимость темы диссертационного исследования.

**Связь исследования с государственными программами и научными темами.** Данное исследование выполнено в ходе реализации Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. В частности работа соответствует следующим направлениям документа: пункту 1. Таджикистан в 2030 году, подпункту 1.2. Роль развития; подпункту 3.2. Развитие регионов; пункту 5, подпунктам 5.1. Реальный сектор, 5.4. Инвестиционный климат.

Среднесрочной программе социально-экономического развития Согдийской области на период 2021-2025 годов.

Также исследование выполнено в соответствии с планом научно–исследовательских работ кафедры экономики предприятий и региона Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, и результыты основной его части используются в профилирующими кафедрми.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель и задачи исследования.** Цель диссертационного исследования заключается в углублении и развитии теоретических основ, а также в разработке научно–практических рекомендаций по формированию и развитию экспортного потенциала региона для его эффективной интеграции в систему внешнеэкономических отношений.

Для достижения поставленной в исследовании цели были определены следующие задачи:

- исследование теоретических основ и экономико-социальной сущности развития экспортного потенциала регионов, обоснование методических подходов к его оценке, а также изучение зарубежного опыта развития экспорта на региональном уровне;
- анализ современного состояния развития экспортного потенциала и выявление экспортных проблем Согдийской области;
- исследование влияния внутренних и внешних факторов на развитие экспортного потенциала региона и их моделирование;
- разработка механизма стимулирования и определение направлений развития экспортных возможностей отраслей экономики Согдийской области.

**Объект исследования** – организационно–экономические отношения, возникающие в процессе формирования и развития внешнеэкономической деятельности регионов при их интеграции в систему мирового хозяйства.

**Предмет исследования** – рассмотрен процесс формирования и развития экспортного потенциала Согдийской области.

**Гипотеза исследования** заключается в том, что расширение и развитие экспортного потенциала региона, соответствующего современным требованиям рыночной экономики, является важнейшей предпосылкой повышения конкурентоспособности отечественных производителей, улучшения благосостояния населения и эффективной интеграции региона в процесс экономической глобализации.

**Теоретические и методологические основы исследования.** Теоретическую основу диссертационного исследования составляют достижения современной экономической науки в области региональной экономики, внешней торговли и формирования экспортного потенциала регионов, а также труды отечественных и зарубежных учёных по вопросам регулирования и управления экспортной деятельностью. В исследовании использованы ежегодные послания Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, нормативно–правовые акты, регулирующие внешнеэкономическую деятельность Республики Таджикистан, а также научные публикации авторитетных международных организаций. Проблемы экспортного потенциала регионов рассмотрены в контексте теории абсолютных и относительных преимуществ, а также концепции факторов производства.

**Методологическую основу исследования** составляют следующие методы и принципы: статистико–экономический анализ, системный и комплексный подход, динамические ряды, методы индукции и дедукции, корреляционно–регрессионный анализ, логический, графический и сравнительный методы.

